# РОҲНАМОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 1-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я 72 85+74.266+74.268 я 72**
**Р-84**

**Р-84.** М. Иргашева, А. Азизов, М. Насимӣ. **Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, Маориф, 2016, 96 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-395-0** **© «Маориф», 2016**

**МУНДАРИЧА**

Муқаддима ....................................................................................................5
Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум ........................................7
I. Мазмун ва мундаричаи стандарти фанни санъат ва меҳнат ..........................7
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат...............................7
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни санъат ва меҳнат.................11
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни санъат ва меҳнат................................11
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни санъат ва меҳнат.............................11
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни санъат ва меҳнат..........................13
II. Салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат...........................................................15
2.1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ.....................................................15
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ....................................15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявию ахлоқӣ ....................................................................16
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо ..........................................................................17
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ..............................................................................18
**III.** Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум........................................................................................................................18
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан .............................................19
3.2. Принсипҳои таълими самаранок ....................................................................19
3.3 Алоқамандии байнифаннӣ.................................................................................20
**IV.** Методикои таълими фанни санъат ва меҳнат дар синфи 1-ум .................... 21
**V.** Арзёбӣ...............................................................................................................25
Фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум.........................................................32
Синфхона ва таҷҳизоти он – 2 соат.....................................................................32
Ин қадар зебост тирамоҳи заррин – 1 соат.........................................................33
Сохтани чароғаки роҳнамо – 2 соат.....................................................................35
Фарҳанги либоспӯшӣ – 2 соат..............................................................................36
Бинокор мешавем – 2 соат....................................................................................37
Аҳамияти ҳайвонот–2 соат...................................................................................38
Дар олами афсона – 2 соат.....................................................................................39
Асбобҳои рӯзгор – 1 соат......................................................................................40
Устоҳои халқӣ – 1 соат..........................................................................................42
Ҷамъоварии ҳосил – 1 соат....................................................................................43
Ҳашар – 1 соат........................................................................................................45
Ороиши китоб – 1 соат...........................................................................................46
Санъати афсонагӯйӣ – 1 соат.................................................................................48
Театр ва нақшофарӣ – 2 соат..................................................................................49
Парандагон – дӯстони мо – 2 соат ........................................................................50
Филмҳои тасвирӣ – 2 соат......................................................................................51
Кӣ бештар чистон медонад? – 1 соат....................................................................52
Нақлиёт – 1 соат......................................................................................................54

Нақшу нигори миллӣ – 1 соат....56
Аз асл сохтани мевачот – 1 соат....58
Зимистон фасли зебост – 2 соат....60
Бозиҳои зимистона – 2 соат....62
Тайёрии хонандагон ба Соли нав – 1 соат....63
Ҷашни Соли нав – 1 соат....64
Эҷодкорӣ – 2 соат....66
Таътили зимистона. Манзараи зимистон – 2 соат....68
Аппликатсия – 2 соат....69
Мушоҳида дар ҳавои кушод – 1 соат....70
Сохтани шакли бозичаҳои тоҷикӣ – 1 соат....72
Қаҳрамонҳои дӯстдоштаи ман – 2 соат....74
Театри лӯхтак – 2 соат....74
Аломатҳои роҳ – 2 соат....76
Душанбе – пойтахти Тоҷикистон – 2 соат....78
Туҳфа ба аскарон – 2 соат....79
Ватанам Тоҷикистон – 2 соат....81
Туҳфаи идона барои модарон – 2 соат....82
Баҳори Тоҷикистон – 2 соат....83
Сохтани гули лола – 2 соат....86
Наврӯзи оламафрӯз – 2 соат....88
Фасли баҳор –мавсими кор – 2 соат....89
Ҷашни Ғалаба – 2 соат....91
Ташкил намудани намоишгоҳ – 2 соат....93
Адабиёт ....95

# МУҚАДДИМА

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронииа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён шудааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”. Барои мо, олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни санъат ва меҳнат аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ шудаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия кардааст.

Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни санъат ва меҳнат дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни санъат ва меҳнатро фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва рушди босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳарчӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазод шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ устувор ва кордон бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилоти гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил шудан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар шудани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;
- Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо сарварони муассисаҳои таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маориф ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мешавад, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

# СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 1-УМ

## I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни санъат ва меҳнат

### МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои дахлдори соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, падару модарон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ доир ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ мебошад. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Тахтаи синф** – ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хидмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Метод** – (юн. methodos – роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян мекунад.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудошуда ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил шудан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Акварел** – рангест (одатан ширешдор), ки дар об ҳал шуда, бо об ба осонӣ шуста мешавад. Хусусияти асосии расмҳои бо акварел кашидашуда равшании ранг буда, хосияти коғаз ва тозагии вай аз байни он намудор мешавад.

**Аппликатсия** – асари бадеие мебошад, ки бо роҳи часпондан, дӯхтани коғаз, матоъ ва маводди дигар ба болои маводди якранга ва ҳархела иҷро карда мешавад.

**Андозаи сегона** – ба таври дигар онро «абъоди сегона» меноманд. Ин истилоҳ се андозаро дар назар дорад: арз, тӯл, захомат, яъне, дарозӣ, бар, ғафсӣ. Ин андозаҳо дар асарҳои муҷассамасозӣ, санъати ороишӣ ва рассомӣ ба назар мерасад.

**Барелеф** – нақши нимбарҷаста, тасвири нимбарҷаста. Нақш ё тасвире, ки аз сатҳи замин ба миқдори ними ғафсӣ (ё баландии) ашёи мавриди тасвир берун ҷастааст. Масалан, тасвир ё нақши чизе дар рӯйи санг, оҳан ва чӯб, девор.

**Гил** – ҷинсҳои таҳшини мулоиманд, ки аз минералҳои гилин таркиб ёфтаанд. Гил барои тайёр намудани маснуоти сафолӣ истифода бурда мешавад.

**Гуаш** –ранге, ки дар об ҳамроҳи ширешу белил омехта карда шудааст. Онро асосан барои кашидани расм дар коғаз, шоҳӣ ва ғайра истифода мебаранд, ки вай ба расм ранги хира медиҳад.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон андоза хурд ба назар мерасад, ҳар як қадар ба мо наздик бошад, ҳамон андоза калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ин хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Замина** – мавод (материал), яъне, матоъ, коғаз, картон ва сафол, ки рӯйи он расм мекашем, санг филиз, чӯб, гаҷ ва ғайра, ки рӯйи он кандакорӣ мекунем.

**Инъикоси мусовӣ** – яке аз тарзҳои тасвир. Дар муқобили худ айнан такрор шудани нақш ё тасвир. Яъне ба шакли симметрӣ рӯ ба рӯйи ҳамдигар қарор гирифтани якхела ё қисматҳои якхелаи нақш.

**Интерйер** – ороиши бадеии меъморӣ буда, барои зебу зинати дохили мактабҳо, синфҳо ва биноҳо истифода мешавад.

**Кулолӣ** – аз калимаи юнонии «керамос» – гил, ки номи яке аз маҳалҳои Афина мебошад ва дар онҷо кулолон Керамик зиндагӣ мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Баъдтар аз он кулолӣ (як навъи санъат) – маснуоти аз гили сӯхташуда пайдо шудааст.
**Колорит (обуранг, тобиш)** – хусусияти умумии рангҳо, таносуби ҳамаи рангҳо ва ҷилоҳои он дар асарҳои бадеӣ, ки ягонагии эҳсоси рангҳоро ба вуҷуд меоранд.
**Композитсия** – тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани бузургии шаклҳои асосӣ ва иловагӣ дар шакли интихобшуда.
**Манзаранигорӣ** – як навъи санъати рассомист, ки дар он манзараҳои гуногуни табиат ва шаҳру деҳот тасвир мешавад. Рассомеро, ки чунин расмҳои манзаравиро меофарад, манзаранигор меноманд.
**Маркази тарҳ (ё тасвир)** – тасвири симо, пайкар ё ашё, ки нисбат ба унсурҳову ҷузъиёти дигари мусаввара бештар таъкид шудааст ва дар сохти мусаввара мавқеи марказӣ дорад.
**Мозайка** – як навъи санъати монументалӣ ва амалии ороишист, ки ба тоҷикӣ онро хотамкорӣ меноманд ва дар ҳунари тоҷикон аз қадимулайём маъмул аст. Осори хотамкорӣ бо истифодаи маводди мухталиф аз қабили кошинҳои гуногунранг, сангҳои ранга ва ғайра офарида мешавад. Хотамкорӣ дар осори меъмории Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Панҷакент ва дигар шаҳрҳои қадимаи мо ба таври фаровон истифода шудааст.
**Натюрморт** – аз калимаҳои фаронсавии «натур» – асл, табиӣ ва «морт» – шакл.

1. Тасвир аз рӯйи асл бо рангҳо.
2. Мусаввараe, ки дар он меваю ашё, ҷинсҳои берӯҳу беҷон тасвир шудааст.

**Нақши муқаррар** – нақши такрор, нақше, ки аз ибтидо то интиҳо бо тамоми унсурҳои худ айнан такрор мешавад ва тарҳи мукаммали ороиширо ба вуҷуд меорад. Масалан, ҳошия ё шероза ба ҳамин тариқ ҳосил мегардад. Ин истилоҳро ба русӣ «раппорт» гӯянд.
**Нақша** – дар санъати тасвирӣ аксаран маънии «мавқеъ»-ро дошта, тарзи ҷойгир кардани ашёи мавриди тасвирро дар сатҳи мусаввара ифода мекунад. Он чӣ дар қисмати пеши мусаввара тасвир шудааст, мавқеи аввал, он чӣ дуртар тасвир гардидааст, мавқеи дувум ном мегирад ва амсоли он.
**Наққошӣ** – як навъи фаъолияти тасвирист. Ин гуна асарҳо ба воситаи рангҳое, ки ба болои чизе мемоланд, сохта мешаванд.
**Намоиши бадеӣ (выставка)** – ташкили намоиши махсуси корҳои эҷодии рассомон, ҳайкалтарошон, наққошон ва дигар ходимони санъати тасвирӣ мебошад.
**Натура (асл)** – дар санъати тасвирӣ ҳама гуна ҳодиса, воқеа ва ашёе, ки рассом бевосита аслро мушоҳида намуда, тасвир мекунад, натура (асл) номида мешавад. Ҳамчун қоида фақат этюд, қайдҳои хомакӣ, лавҳа, портрет ва баъзан пейзажро аз асл мекашанд.
**Расми хомакӣ (набросок)** – расмҳои начандон калонҳаҷм, сатҳӣ ва тез кашидаи рассом.
**Вазифаи асосии расмҳои хомакӣ** – мушоҳидаҳои ҷудогонаро қайд кардан аст; характери таносуб ва ҳаракат, характери муносибат ва мутоқибату алоқамандии рангҳо.
**Орнамент** – аз калимаи лотинии «орнаментум» – ороиш гирифта шуда, маънояш нақшу нигор мебошад, ки ба мунтазам ивазшавию пайвастшавии унсурҳои геометрӣ ва тасвирӣ асос карда шудааст. Вазифаи асосии нақшу нигор ороиши рӯйи ашё ва нишон додани шакли онҳост. Дар замонҳои қадим нақшу нигор нақши расму оин ва муъҷизакориро низ адо менамуд. Якчанд навъи нақшу нигор мавҷуд аст: геометрӣ, набототӣ (рустанигӣ) ва ғайра. Ҳар як давр, ҳар як халқу миллат низоми нақшу нигори худро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯйи нақшу нигор ҳам давр ва ҳам миллати ба вуҷуд овардаи онро бехато муайян кардан мумкин аст.
**Палитра** – тахтачае, ки рассом дар болои он рангҳои тозаи худро мегузорад, ҳангоми кор онҳоро бо ҳам омехта мекунад, то ки ранги лозимро ҳосил кунад.
**Таносуб (пропорсия)** – муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он.

Дар расмкашӣ риоя намудани таносуб (пропорсия) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Портрет (симо)** – ба ин жанр асарҳои санъати тасвирӣ, ки дар онҳо симои одами алоҳида ё гурӯҳи одамон акс ёфтаанд, дохил мешавад.

**Пейзаж** – калимаи фаронсавии «пейзаж», маънои табиатро дорад. Дар санъати тасвирӣ жанреро чунин меноманд, ки ба азнавбарқароркунии табиат бахшида шудааст.

**Пероя** – ороиш ва зинатҳои заргарии занону духтарон аз қабили гӯшвора, ангуштарин, дастпона, сӯзани қубба, гули сина ва ғайра. Ҳамаи инро пероязҳои занона мегӯянд.

**Расм** – тасвир ва кашидани расм дар сатҳи асосии графика мебошад. Ин бо ёрии хатҳои контурӣ, раххо, доғҳои равшану хира бо як ё якчанд ранг асосан дар коғаз иҷро карда мешавад; бо қалам, перо, мӯқалам, ангишт ва ғайра кашида мешавад. Хелҳои асосии расмҳои бадеӣ: расмҳои дастгоҳӣ, эскиз, тасвир аз рӯйи асл ва ғ.

**Расмкашӣ аз рӯйи мавзӯъ** – расмкашӣ дар мавзӯи пешниҳодшуда.

**Расм (картина)** – ин асари санъати тасвирии дастгоҳӣ буда, мақсадро амиқ ва ҳақиқатнигорона таҷассум мекунад. Мафҳуми расмҳо, пеш аз ҳама, ба асарҳои характери сюжетӣ дошта мувофиқ меоянд, ки асоси онҳоро тасвири амалиёти одамон ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

**Ранг**–воситаи асосии таъсирбахши расм. Ба рассом лозим аст, ки ранг, ҷило ва мувофиқати онҳоро бо тезӣ ҳис кунад ва илмеро, ки рангшиносӣ меноманд, азхуд намояд. Ба ин ё он ранг баҳо дода, баъзан калимаи «гарм» ё «хунук»-ро истифода мебаранд. Ба гурӯҳи рангҳои «гарм» рангҳои сурх, норинҷӣ, зард ва ба гурӯҳи рангҳои «хунук» рангҳои осмонӣ, кабуд, бунафшро дохил мекунанд.

**Рангоб** – маҳлули оҳармонанд аст, ки аз гилмоя ҳосил мекунанд. Он ба сатҳи ашёи сафолӣ молида мешавад. Ин маҳлул ба мақсади пинҳон кардани ранги гили зарф ва тайёр намудани заминаи рангмолӣ истифода мешавад. Он сафеди тиранг аст.

**Сияҳқалам** – тасвирҳое, ки бо қалам ё истифодаи ранги сиёҳу туш нигошта мешаванд (графика).

**Санъати ороишӣ-амалӣ (дастӣ)** – санъати сохтани ашёи маишӣ, ки дорои сифатҳои эстетикӣ бадеӣ мебошад ва на танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи зиндагӣ, балки барои ороиши хонаҳо, сохтмонҳои меъморӣ, боғҳо ва ғайра истифода мешаванд.

**Сохтан** – гил ё пластилин маводди хубе барои сохтан мебошанд. Онҳоро бо ҳаракати камтарини панҷаҳо тағйир додан мумкин аст. Бо панҷаҳо кор карданро одат намудан муҳим аст, зеро панҷаҳо афзори беҳтарин ва ивазнашаванда мебошанд. Белчаро (тахтачаи чӯбини нӯгаш ҳамвори гуногуншакл) танҳо барои кор кардани қисмҳо истифода баред. Корҳои нотамомро бо латтаи тар пӯшонидан лозим аст.

**Тазод** – яке аз воситаҳои ифодаи бадеӣ дар санъати рассомӣ, ки ба василаи он бархӯрди таъсирбахши сояву равшанӣ, тазоди рангҳои тираву назаррабо ҳосил мешавад.

**Тарсим**–амали расмкашӣ. Ин амал пеш аз рангу бори расм анҷом дода мешавад.

**Тарроҳии бадеӣ** – навъи фаъолияти ҳунарӣ, ки аз таҳияи тарҳи маҳсулоти саноатии дорои хосиятҳои эстетикӣ иборат аст ва ба ибораи дигар дизайн мегӯянд. Шахсеро, ки чунин амалро анҷом медиҳад, тарроҳ меноманд.

**Тартиб додани нақшаи бадеӣ (дизайн – зебосозӣ)** – навъи фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.

**Фон** – қафои фазоии нақшаи расм.

**Фломастер** – афзори хатнависӣ ва расмкашӣ мебошад, ки рангаш аз дохили он ҷорӣ мешавад.

**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш зебоӣ мебошад. Илме, ки муносибати арзиши эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад.

**Этюд** – калимаи фаронсавӣ буда, маъноаш пешакӣ мебошад. Расме, ки мақсади асари бадеӣ дар муддати кӯтоҳ ба тарзи хомакӣ кашида мешавад.
**Эскиз** – калимаи фаронсавӣ буда, маънои тарҳро дорад. Дар санъати тасвирӣ асари бо мақсади омӯзиши он аз тарафи рассом иҷро кардаро меноманд.
**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.
**Штрих** – хате, ки рассом бо як ҳаракати даст мекашад.
**Конструксия** – аз калимаи лотинии «constictio» – тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани шаклҳои асосӣ.
**Жанр** – аз калимаи фаронсавӣ гирифташуда ба гурӯҳҳо тақсимшавии ҳамаи навъҳои санъат мебошад, ки таърихан сурат гирифтааст. Масалан, дар санъати тасвирӣ асарҳо дар мавзӯъҳои маишӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, натюрморт ва ғайра.

## ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Стандарти фанни санъат ва меҳнат барои хонадагони синфи 1-ум дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

## 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Доираи татбиқи Стандарти фанни санъат ва меҳнат хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба – кафедраҳои таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи 1-ум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Стандарти фанни санъат ва меҳнат дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва рушди истеъдодӣ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот;
- ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо  дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз ҷиҳати касбӣ ва ахлоқӣ  низ масъул аст.

*Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:*

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
- хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
- раванди  аз худкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- раванди таълим ба «чӣ тавр фикр кардан» равона гардад, на ба «доир ба чӣ фикр кардан»;
- доир ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малака ҳама росткавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

  - **ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба баъзеҳо, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон имкони фаъолият таҳия кунанд.
  - **ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои эҷоди фазои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

- **инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.
- **алоқамандии таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳоратащро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.
- **омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз,"Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон" раванди омӯзишро дар тули ҳаёт тақозо мекунад.
- **арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ кунем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТАНДАРТИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

**Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.**

Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти амалӣ дошта, ба хонандагон имконияти ташаккули одитарин малакаю маҳорати корӣ ва рассомиро медиҳад, онҳоро барои корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мекунад.

*Мақсади асосии таълими фанни санъат ва меҳнат аз инҳо иборат аст:*

- Муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака, маҳорат)-и хонандагон аз фанни санъат ва меҳнат;
- Ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни санъат ва меҳнат;
- Муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни санъат ва меҳнат мувофиқи талабот ва мувофиқат ба рушди синнусолии хонандагон.
- Мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор мекунад;
- Бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- Мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод шаванд;
- Мунтазам рушд додани малакаю маҳорати корӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;
- Тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;
- Шиносоӣ бо асос ва намудҳои санъати графикӣ ва ташаккули малакаю маҳорати тасвири графикӣ;
- Дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;
- Омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхидмат расонӣ;
- Рушди қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодӣ.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ба кор ва зебоипарастӣ омода кардани хонандагон мебошад ва ин аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии кори фикрию ҷисмонӣ нақши хосса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати корӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода шаванд.

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон ёд додани фаъолиятҳои одитарини кор, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, расм кашидан, фаҳмиши рангҳо, сохтани шакли ашё аз қисмҳои додашуда, зарурати омӯзиши амалиёти корӣ, эҷод намудан, иҷрои амалҳо ва арзёбӣ мебошад.

*Вазифаҳои асосии таълими фанни санъат ва меҳнат:*

- инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
- дарки зарурати меҳнат ва олами санъати тасвирӣ дар зиндагӣ;
- ташаккули қобилияти эҷодию тахаюли бадеии хонандагон;
- шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои ҳунарҳои дастӣ;
- омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти корӣ ва тасвиру ороиш;
- шинос намудани хонандагон бо касбу кори марбут ба ҳунари дастӣ ва санъати тасвирӣ;
- дар ниҳоди хонандагон ба вуҷуд овардани меҳру муҳаббат ба кор ва санъати тасвирӣ;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми заҳмати худ ва калонсолон, аҳли заҳмат;
- тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар ниҳоди шогирдон.

## Мавқеи фанни санъат ва меҳнат дар нақшаи таълим

Фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи «Технология (таълими меҳнат)» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 68 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **3** | 2 | 34 | 68 |

Санъат ва меҳнат ҳамчун ҷузъи зебоипарастӣ ба хонандагон бояд эҷодкорӣ биомӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодию созандагӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба навъҳои гуногуни санъат ва меҳнат бедор кунад. Ҳангоми фанни санъат ва меҳнат хонандагон инчунин, бояд қобилияти рассомӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои бофандагӣ, рассомӣ, моделсозӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, тарроҳӣ, кандакорӣ, суробсозӣ ва ғайра (вобаста ба имкону шароити мактаб) иштирок кунанд.

Кор - меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Ҳар як фард бояд малакаю маҳорати корӣ омӯзад, ба кори фоиданок омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

# II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ

Фасли мазкури стандарти фанни санъат ва меҳнат хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд.

*Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:*

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мешавад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва аз худкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, онро ташаккул медиҳад.

## 2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

**Салоҳияти иҷрои амалҳо:**

1.1.1 Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти эҷод:**

1.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.

**Салоҳияти арзёбӣ:**

1.3.1. Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ карда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

## 2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти иҷрои амалҳо:**

1.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.

**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:**

- қалам ва мӯқаламро ба таври сода идора карда метавонад;
- хатҳои гуногуншакли сода (мавҷмонанд, хатҳои рост, секунҷа, чоркунҷа ва давра)-ро тасвир карда метавонад;
- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг (краска)-и акварелро ба таври сода истифода бурда метавонад;
- рангҳоро номбар карда метавонад;
- расмҳои тайёрро (дафтари расмҳо барои рангкунӣ) мувофиқи намуна дуруст ранг карда метавонад;
- дар асоси намуна расмҳои хеле одиро ба монанди миз, курсӣ, себ ва амсоли онҳоро ба таври хеле сода тасвир карда метавонад;
- қолаби расми ашёро бо фломастер ҷудо карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ранг карда метавонад;
- бо мӯқалам ранг карданро машқ мекунад;

– аз гил ва пластилин шаклҳои сода (секунҷа, чоркунҷа ва давра)-ро сохта метавонад;
– аз маснуоти табиӣ ва ашёи гуногун (тугма, чормағз, лӯбиё, барг, сангчаҳои гуногун) қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;
– аз коғаз ва картон табрикномаҳои хеле сода омода карда метавонад;
– ширешро истифода бурда метавонад;
– қайчиро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад (матоъ, ришта, коғаз ва картонро бурида тавонад);
– коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёро ҳамчун воситаи ороиш ба таври сода истифода бурда метавонад;
– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии одитарин ҳангоми кор бо афзор ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя карда метавонад;
– мафҳумҳои содаи фан (қалам, омехтан, ранг, мӯқалам, ширеш)-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти эҷод:**

1.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.

**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:**

– зебоии олами атроф (табиат, ҳайвонҳо, манзараҳо)-ро мушоҳида карда метавонад;
– нигоҳи худро бо воситаҳои санъати тасвирӣ ба таври хеле сода иброз мекунад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояҳои одитаринро эҷод менамояд ва онҳоро ба таври сода шарҳ медиҳад.

**Салоҳияти арзёбӣ:**

1.3.1. Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:**

– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро ба таври хеле сода таҳлил ва тафсир мекунад;
– аз тамошои намунаҳои санъати тасвирӣ, ороишӣ ва меъморӣ ҳаловат мебарад;
– дар бораи чизи мушоҳидакардааш суҳбат мекунад;
– навъҳои содаи меҳнатро медонад ва онро қадр менамояд;
– меҳнати худ ва дигаронро қадр намуда, ақидаи худро ба таври хеле сода пешниҳод мекунад.

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВИЮ АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф кунем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100) балла баҳо дода мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд:

| **Худро идора карда тавонистан** | м | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |

мунтазам
одатан
баъзан

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ мекунад | | □ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба зимма мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | □ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикррони дараҷаи баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкорӣ | | □ | |

## 2.4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайян хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худаш кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супориш ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад, бо интизории он ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф мекунад, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Агар ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз мекунад. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан, дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суииистифода кунем). |

| | |
|---|---|
| Ҳамкорӣ мекунад | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад, ки саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсад мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

### 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни санъат ва меҳнат омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи ба нақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 1-УМ

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба аз худкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор мекунанд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?", "чӣ тавр меомӯзанд?" ва "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, аз худкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳорати воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи аз худкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои рушди салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

## 3.1. БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ мекунанд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаи ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузоштанро дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амали сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии аз худкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

## 3.2. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ САМАРАНОК

*Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:*

– хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон рушд ёбанд;
– хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
– мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
– вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
– раванди аз худкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
– барои аз худкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
– омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
– ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
– омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;

- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба“доир ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;

  омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доим назорат кунад.

## 3.3. АЛОҚАМАНДИИ БАЙНИФАННӢ

Ҳудуде, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс, дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо дарназардошти ин фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқамандии байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Намунаи алоқамандии байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст: Омӯзгор дар синф бо хонандагон бозии “Танграм”-ро мегузаронад. Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ба расми дар тахтаи синф буда назар кунанд. Бо хонандагон оид ба расм суҳбат ташкил мекунад ва ҷараёни эҷодкорӣ оғоз мешавад.

Бозии «Танграм». Бо рафиқатон аз рӯйи квадрати мазкур расмҳоро тартиб диҳед:

а) Коғаз ё картонро бо шакли квадрат буред.

б) Аз рӯйи расми 1 онро тақсим карда, шаклҳои геометриро ҳосил намоед.

в) Аз шаклҳои бурида расми ягон ашёро созед.




(Расми 1)











*Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:*

1) Шиносоӣ бо бозии «Танграм» (забони тоҷикӣ);
2) Ҳисоб кардани миқдори расмҳо (математика);
3) Кор бо шаклҳои геометрӣ (забони тоҷикӣ – гуфтан);
4) Муқоиса кардани расмҳо (математика).

Дар асл ҳангоми таълими ҳамагуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вакт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи ба нақшагириро тақозо мекунад.

# IV. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ ДАР СИНФИ 1-УМ

Фанни санъат ва меҳнат таълими якҷояи фанҳои пештараи санъати тасвирӣ ва таълими меҳнатро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро мекунад. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – расмкашӣ ва қисмати дуюм – меҳнат ё баръакс, вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Агар ҳаҷми кор зиёдтар бошад, муаллим метавонад як дарси пурраро ба санъати тасвирӣ ва ё ба таълими меҳнат бахшад.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба кор ва зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё кардани таҷҳизот ва маводди кор, дуруст, максаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни санъат ва меҳнат хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд, ки аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи мактаби маълумоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнатию рассомӣ фанни мазкур ба чор самти зерин таксим карда шудааст:

- Корҳои тасвирӣ;
- Кор бо коғаз ва картон;
- Кор бо маводди табиӣ ва пластилин;
- Кор бо ришта ва матоъ.

**Методикаи таълими корҳои тасвирӣ**

Тавассути расмкашӣ дар хонандагон хаёли эҷодӣ ва тафаккури аёнӣ-образӣ рушд дода мешавад. Корҳои тасвириро шартан ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

**Тасвир аз рӯйи мушоҳида.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мушоҳида бештар қобилиятҳои дуруст интихоб карда тавонистани ранг, бо мутаносиби дуруст ва монанд тасвир кардани ашё аҳамият дода шавад. Ҳангоми таълим додан аз рӯйи мушоҳида кӯшиш бояд карда, ки ҳар як қадами тасвирро дар тахтаи синф нишон дода, тарзи дуруст тасвир кардани он шарҳ дода шавад. Дар ин навъи дарс хонандагон бояд ҳарчи зиёдтар ба кори омӯзгор монанд тасвир карданро омӯзанд. Барои ҳамин ҳар як қадами омӯзгор бояд аз сода ба мураккаб – равшан ва фаҳмо бошад, инчунин, қобилиятҳои синнусолии хонандагон ба назар гирифта шавад.

**Тасвир аз рӯйи мазмуни матн.** Ҳангоми тасвир аз рӯйи мазмуни матн хонандагон он чизеро, ки аз хондани матн фаҳмидаанд, тасвир мекунанд. Дар ин навъи фаъолият омӯзгор ба хонандагон роҳнамоӣ намекунад. Яъне ин навъи фаъолият бештар ба эҷодкории хонанда равона мешавад. Танҳо расм бояд ба мазмуни матн мувофиқат кунад ва хонанда расми тасвиркардаашро шарҳ дода тавонад. Матнҳоро аз китобҳои дарсӣ, бадеӣ, ё афсонаҳо интихоб кардан мумкин аст.

**Нақл эҷод кардан аз рӯйи расм**. Ин навъи фаъолият ҳам ба эҷодкории хонанда вобаста мебошад. Омӯзгор метавонад, аз рӯйи як расм нақл эҷод карда, ба хонандагон ҳамчун намуна фаҳмонад. Сипас метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда,

супориш диҳад, ки аз рӯйи расмҳои гуногун нақл эҷод кунад. Дар ин навъи фаъолият хонандагон дарк кардани мазмуни расмҳоро ёд мегиранд.

**Тасвири озод аз образҳо (тассаввурот).** Дар ин навъи фаъолият хонандагон пурра аз хаёли худ расм меофаранд. Омӯзгор метавонад танҳо мавзӯъро пешниҳод кунад. Масалан, мавзӯи «Тоҷикистон дар ояндаҳои дур». Хонандагон хаёлан Тоҷикистонро дар оянда тасаввур карда, расми онро тасвир менамоянд. Дар ин навъи фаъолият омӯзгор бояд бештар ба тасаввурот ва қобилияти эҷодии хонанда диққат диҳад, на ба малакаҳои рассомии ӯ. Яъне расм зебо ҳам набошад, бояд вай ягон ғояи нав дошта бошад. Инчунин, хонанда расми эҷодкардаашро шарҳ дода тавонад, ҳангоми арзёбӣ аз тарафи омӯзгор ба назар гирифта шавад.

**Тасвир ҳамчун ороиш.** Дар ин намуди фаъолият тамоми навъи тасвирҳо ва рангкуниҳо бо мақсади оро додан истифода бурда мешаванд. Масалан, нақшу нигор, ранг кардани ягон чизи худсохт ва ғайра. Омӯзгор моҳияти оро доданро фаҳмонда, чӣ тарз оро додани баъзе ашё, масалан, чойнику пиёларо нишон медиҳад. Хонандагон мустақилона аз хаёлоти худ нақшу нигорҳоро эҷод мекунанд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- Муайян ва тафсир намудани салоҳиятҳои тасвир кардан;
- Интихоб ва истифода бурдани методҳои мувофиқ барои ташаккули малака ва маҳорати тасвир кардан;
- Ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

### Методикаи таълими кор бо коғаз ва картон

Аз лаҳзаҳои аввали таълими фанни санъат ва меҳнат моро лозим меояд, ки оид ба навъҳои гуногуни коғаз мавқеъ, сифат ва аҳамияти он маълумот диҳем. Донистани хусусиятҳои коғаз ба шахс имкон медиҳад, ки онҳо ҳунари дастии худро бо сифати баланд иҷро кунанд. Ба навъҳои коғазу картон нигоҳ карда, ба хонандагон сифатҳои асосии картонро фаҳмондан зарур аст. Картон ҳам мисли коғаз ғафс, тунук, ҳамвор, сахт, дурушт, дағал, қатшаванда, қатнашаванда, тезшикананда, ҷилодор ва ранга шуда метавонад. Донистани сифатҳои коғазу картон таассуроти шахсро ғанӣ мегардонад.

Дар коғаз пул, китоб, дафтар, албом, чипта, расм, харита ва ғайра чоп мешавад. Коғази зардеворӣ барои ороиши хонаҳо истифода бурда мешавад. Дар коғази аксчопкунӣ суратгир акс чоп мекунад. Коғази чиндор барои сохтани гулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Умуман, коғаз дар ҳамаи соҳаҳо васеъ истифода бурда мешавад ва дар дунё моводди дигаре мисли коғаз нест, ки дар ҳамаи соҳаҳо муҳим бошад. Сарфакорона истифода бурдани коғазу картон ва риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо коғаз ва картонро ба кӯдакон фаҳмондан зарур аст. Ҳангоми фаъолияти бо картон бештар усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

**Сохтан бо роҳи буридан, ширеш кардан.** Ин навъи фаъолият бо истифода аз қайчӣ ва ширеш ба роҳ монда мешавад. Масалан, сохтани қуттичаҳо, макетҳо, хоначаҳо, мошинҳо ва ғайра. Яъне дар сохтани ин навъи ашё, албатта, қайчӣ ва ширеш истифода бурда мешаванд. Омӯзгор сохтани онро бояд қадам ба қадам нишон дода, тарзи дуруст иҷро намудани қадамҳоро аз тарафи хонандагон назорат кунад ва ба хонандагоне, ки дар иҷрои фаъолият душворӣ мекашанд, кумак кунад, ё ба назди хонандаи нисбатан фаъолтар шинонда, ба ӯ вобаста кунад.

**Сохтан бо роҳи қаткунӣ (усули оригами).** Дар ин навъи фаъолият қайчӣ ва ширеш тамоман истифода бурда намешаванд. Яъне фаъолият танҳо бо усули қат кардани коғаз иҷро карда мешавад. Ин навъи фаъолиятро ҳам омӯзгор бояд қадам ба қадам ба хонандагон нишон диҳад. Инчунин, омӯзгор тарзи аз рӯйи схемаҳо сохтанро ба хонандагон омӯзонад. Мазмуни хатчаҳо ва тирчаҳоро фаҳмонад.

**Гулмонӣ (аппликатсия) аз коғаз.** Ин навъи фаъолият бо роҳи буридан ва ширеш кардан истифода бурда мешавад. Фарқи ин усул аз усули якум дар он аст, ки дар ин навъи фаъолият ашё сохта намешавад, балки тавассути он манзараҳои зебо ё гулҳо омода карда мешаванд. Яъне аз як навъи коғаз гул, барг ё ягон ашёи дигар бурида шуда, ба коғази дигар ширеш карда мешавад.

Масалан, омӯзгор якчанд навъи омода намудани гулҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон дода, сипас ба онҳо супориш медиҳад, ки худашон ягон гулро биофаранд. Супориш бояд ба қобилияти эҷодии хонандагон равона карда шавад.

**Сохтан бо усулҳои омехта.** Дар ин навъи фаъолият ҳама хели амалиёт бо коғаз якбора истифода бурда мешаванд. Ин фаъолият бештар барои омода намудани табрикномаҳо, бозичаҳо ва ашёи ороишӣ аз коғазу картон истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо ҳам усули буридану ширеш кардан ва ҳам усули қаткуниро якҷоя истифода бурдан мумкин аст. Омӯзгор намунаҳоро қадам ба қадам ба хонандагон нишон медиҳад.

**Усули оҳардиҳӣ.** Ин усул васл кардани коғаз бо оҳар (хамира), ё ширеш мебошад. Бо ин усул зарф, шакли меваю сабзавот, суроби ҳайвонот ва парандаҳоро низ сохтан мумкин аст. Ҳангоми омӯхтани ин усул қадам ба қадам тарзи васл намудани коғазро ба хонандагон нишон диҳед. Ин навъи фаъолиятро хонандагон мустақилона ва дар гурӯҳҳои хурд иҷро карда метавонанд.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо коғаз бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

**Методикаи таълими кор бо пластилин ва маводди табиӣ**

Ба маснуоти табиӣ барги гул, чӯбчаҳои дарахтон, чалғӯза, пӯчоқи чормағз, писта, зироатҳо, сангчаҳо ва ғайра дохил мешаванд. Ин навъи фаъолият барои рушди тафаккури эҷодӣ ва моторикаи хурд (ҳаракати панҷаҳо)-и кӯдак мусоидат мекунад.

**Аз пластилин ва маводди табиӣ сохтани бозичаҳо ва ашё.** Ин навъи фаъолиятро бо роҳҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Мо метавонем танҳо аз маводди табиӣ ашё созем, ё роҳи дигараш, истифода бурдани пластилин ва маводди табиӣ дар якҷоягӣ.
Ин навъи фаъолият низ дар шакли қадам ба қадам омӯхтан сурат мегирад. Шумо метавонед хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ба ҳар гурӯҳ супоришҳои гуногун диҳед. Масалан, як гурӯҳ метавонад сабзавот, гурӯҳи дигар намунаи меваҳоро бисозанд .

**Аппликатсия бо пластилин, ғалладона ва сангчаҳо.** Ин усулро бештар дар болои картон истифода бурдан мумкин аст. Шумо метавонед бо тамоми навъи зироатҳо, пластилин, сангча ва ҳатто макарон манзара ва расмҳои зеборо омода кунед. Дар ин навъи фаъолият омӯзгор баъзе намунаҳоро ба хонандагон нишон медиҳад. Сипас онҳо худашон бо ин усул манзара ва расмҳои нав эҷод мекунанд. Ин усулро бо мақсади оро додани ягон ашё ҳам истифода бурдан мумкин аст. Масалан, бо ғалладонаҳо ё сангчаҳо кӯза, табақ ва чойникро бо усули ширешкунӣ ороиш додан мумкин аст.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо пластилин ва маводди табиӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

## Методикаи таълими кор бо ришта ва матоъ

### Маълумот дар бораи матоъҳо

Усулҳои сохтани матоъ ба одамон ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маъмул аст. Кофтуковҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки аҷдоди мо дар асрҳои XV-и пеш аз милод ба бофандагӣ, яъне тайёр кардани матоъ машғул буданд.

Техникаи корҳои ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ амалӣ шуда, танҳо дар асрҳои миёна бо истифода аз технологияи нав рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аз дуку чарха то дастгоҳҳо, аз дастгоҳҳо то техникаи одӣ, аз он то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шуд.

Маснуоти асосии корҳои бофандагӣ: пахта, мӯйина, пилла, зағирпоя, канаб, ҷут (гиёҳест, ки аз он матоъҳои дағал ва ресмону банд тайёр мекунанд) ва ғайра. Аз моддаҳои кимиёвӣ низ матоъ омода карда мешавад.

Матоъ вобаста ба маснуоти кор ба навъҳои аслӣ ва сунъӣ ҷудо мешавад. Ба гурӯҳи матоъҳои аслӣ матоъҳое дохил мешавад, ки аз наххои табиӣ (яъне аз пахта, пилла, мӯйина, зағирпоя, канаб) бофта шудаанд. Суф, чит, сатин, шоҳӣ, атлас барин матоъҳо аз наххои табиӣ бофта мешаванд.

**Матоъ мувофиқи тартиби зайл тайёр мешавад:**

а) маснуоти бофандагиро кишт, парвариш ва тоза мекунанд;
б) калоба мекунанд;
в) аз калоба ресмон мересанд;
г) аз ресмон матоъ мабофанд.

**Фарқ ва монандии коғазу матоъ.**

Муаллим ба хонандагон оид ба якчанд фарқу монандии коғазу матоъ маълумот медиҳад:

- коғазу матоъ маводди тунуканд, ғафсии онҳо дар муқоиса бо бар ва дарозӣ беохир аст.
- коғазу матоъ маводдеанд, ки аз наххо иборатанд, танҳо дар коғаз ин наххо омехтаанд, дар матоъ наххо ба монанди тору пуд омадаанд.
- ҳангоми иҷрои корҳо бо коғаз ва ҳам бо матоъ қайчӣ (миқроз, дукорд) истифода бурда мешавад.
- коғазу матоъ маводдеанд, ки ба воситаи дӯхтан, ширеш кардан пайваст мешаванд. Агар лозим шавад, дар болои коғаз ва матоъ расмҳои гуногун чоп мекунанд, ороиш медиҳанд ва рангубор мекунанд.

**Ҳангоми кор бо матоъ ба хонандагон қоидаҳои бехатарии истифодаи сӯзан, ришта ва қайчиро фаҳмондан зарур аст.**

**Пора кардан.** Буридани матоъ ҳам ба буридани коғаз монанд аст. Ҳангоми омӯхтани буридани матоъ тарзи дуруст қапидани қайчӣ, чен кардан бо ҷадвалро ба хонандагон омӯзонед.

**Гулдӯзӣ.** Ҳангоми омӯхтани ин усул аввал бо қалам дар рӯйи матоъ тасвир намудани нақшу нигорҳоро нишон диҳед, баъд тарзи дуруст дӯхтани онро нишон диҳед.

**Истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркор.** Дар синфҳои ибтидоӣ омӯхтани тарзи эҷодкорона истифода бурдани латтапораҳо ва либосҳои нодаркор натиҷаҳои хуб медиҳанд. Аз як тараф ин масрафи зиёдатиро талаб намекунад, аз дигар тараф хонандагон бо шавқи зиёд кор мекунанд. Масалан, аз ҷӯроби нодаркор ҳам бозича дӯхтан мумкин аст.

**Натиҷаҳои омӯзиш:**

- интихоб ва истифода бурдани усулҳои гуногуни кор бо матоъ, коғаз ва дигар мавод бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;
- ба нақша гирифтани дарсҳои фанни санъат ва меҳнат дар асоси стандартҳо, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ.

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълимии дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст.

*Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:*

- бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;
- бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли хониш интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);
- бояд ба мақсадҳои таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, алоқаи мушаххас дошта бошад;
- мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондани хонанда ба ӯ мефармоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст);
- воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);
- дубора санҷида шавад (яъне натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);
  дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ин метавонад дурустии онро таъмин созад;
- методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);
- қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);
- принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

*Барои таъмини пайдарпай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:*

- роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди лозима истифода бурда метавонанд;
- дурустӣ ва мувофиқати воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса кунанд;
- натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва рушду пешрафти тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил шудани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом омӯзгор ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои хонандагон оид ба фанни санъат ва меҳнат тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:
– саволҳои пурсишнома дар доираи маводди барномаи таълим бошанд;
– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;
– тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд;
– пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки талабагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи талабагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:
– маҳорати истифодаи воситаҳои тасвир;
– ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинами рангҳо;
– муҳайё намудани таҷҳизот ва маводди кор;
– риояи қоидаи бехатарӣ;
– сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;
– муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда;
– коршоямии маснуоти сохташаванда;
– дуруст баҳо додан ба натиҷаи кори худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни санъат ва меҳнат дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод ё иҷро намудани ягон амал) ва ғ. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда портфолиои ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар портфолиои хонанда натиҷаҳои кори дастии ӯ нигоҳ дошта мешавад, ки ҳангоми арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ лозим мешаванд.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни санъат ва меҳнат, ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, навъҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**Иҷрои амал:** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранг, об, қайчӣ, сӯзан, матоъ ва ғ...)

**Эҷод:** вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

**Арзёбӣ:** вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба навъҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

**Намунаҳои арзёбӣ**




Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранги обӣ, қайчӣ, сӯзан ва ғ...).

Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат инчунин, донистан дар бораи вазифаи онҳо равона шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули “Супориш”**. Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро мекунад.

Масалан:
1. Расми кӯзаро бо қалами одӣ тасвир мекунад.
2. Аз коғаз бо усули қаткунӣ (оригами) қуттича месозад.
3. Бо ранги обӣ ва мӯқалам баргҳои дарахтонро ранг мекунад ва ғайра.

**Усули “Тест”:** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

Масалан:
1. Дар санъати тасвирӣ кадом гурӯҳи рангҳо асосӣ ҳисобида мешаванд?
   а) сурх, сафед, сиёҳ;
   б) кабуд, сурх, зард;
   в) сабз, зард, хокистарранг.

2. Воситаҳоеро, ки бо он рассом кор мекунад, интихоб мекунад:
   а) арра, табар, бел.
   б) қалам, ранги, обӣ, мӯқалам.

3. Агар рангҳои зеринро бо ҳам омехта кунем, кадом рангҳо ҳосил мешаванд? (Ҷавобашро менависад):
Сурх + кабуд =___________________
Кабуд + зард =___________________
Сурх + зард =____________________

**Усули “Шифоҳӣ”.** Хонанда ба саволҳои омӯзгор шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.
Масалан, муаллим ашёро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онро мепурсад.

**Эҷод**

Вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат. Дар ин ҷо эҷод ва кашф карда тавонистани ғояҳои нав муҳим мебошад.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули “Расм ё амал аз рӯйи мавзӯъ”** Хонанда аз рӯйи мавзӯъ ягон чиз эҷод мекунад (тасвир мекунад, месозад, медӯзад...).
Масалан:
1. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ расм тасвир мекунад;
2. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ ягон чиз месозад, омода мекунад.

**Усули “Нақл аз рӯйи мазмуни расм”.** Хонанда аз рӯйи мазмуни расм аз тасаввуроти худ ягон ҳикоя ё афсона эҷод мекунад.
Масалан:
1. Аз рӯйи мазмуни ин расм ҳикоя эҷод мекунад.
2. Ба ин расм нигоҳ карда, афсона эҷод мекунад.

**Арзёбӣ**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намунаҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин, шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба он равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули “Арзёбӣ намудани кори худ”.** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, норасоӣ ва бартариҳои кори худро муайян карда, баён мекунад.
Масалан, хонанда ягон расм тасвир менамояд ё шакли ягон ашёро месозад. Муаллим супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, норасоӣ ва бартариҳои кори худро муайян кунад.
**Усули “Арзёбӣ намудани кори дигарон”.** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои санъати тасвирӣ, меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба онҳо шарҳ медиҳад.
Масалан, хонанда кори ҳамсинфашро ё ягон намунаи санъати тасвириро мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва норасоию бартариҳои онро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад, ё не ва сабабаш дар чист.

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

- санҷиш бо мақсади ташаккул додани маҳорату малакаи хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ;
- саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошанд;
- супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани ҳисси зебоипарастӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд.

**Нақшаи тақвимии**
**фанни санъат ва меҳнат барои синфи 1-ум**
**(ҳафтае 2 соат. Ҳамагӣ 68 соат)**

| **Номгӯйи мавзӯъҳо** | миқдо-ри соат | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | |
| Синфхона ва таҷҳизоти он | 1 | | | | | | | | | | |
| Ин қадар зебост тирамоҳи заррин | 1 | | | | | | | | | | |
| Сохтани чароғаки роҳнамо | 2 | | | | | | | | | | |
| Фарҳанги либоспӯшӣ | 2 | | | | | | | | | | |
| Бинокор мешавем | 2 | | | | | | | | | | |
| Аҳамияти ҳайвонот | 2 | | | | | | | | | | |
| Дар олами афсона | 2 | | | | | | | | | | |
| Асбобҳои рӯзгор | 1 | | | | | | | | | | |
| Устоҳои халқӣ | 1 | | | | | | | | | | |
| Ҷамъоварии ҳосил | 1 | | | | | | | | | | |
| Ҳашар | 1 | | | | | | | | | | |
| Ороиши китоб | 1 | | | | | | | | | | |
| Санъати афсонагӯйӣ | 1 | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 18 | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1 Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Театр ва нақшофарӣ – 2 соат | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Парандагон дӯстони моанд. | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Филмҳои тасвирӣ | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Кӣ бештар чистон медонад? | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Наклиёт | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нақшу нигори миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Аз асл сохтани меваҷот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Зимистон фасли зебост | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бозиҳои зимистона | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Тайёрии хонандагон ба Соли нав | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Иди арча | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 2 Рейтинги 3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Эҷодкорӣ | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Таътили зимистона. Манзараи зимистон | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Аппликатсия | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мушоҳида дар ҳавои кушод | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани шакли бози-чаҳои тоҷикӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қаҳрамонҳои дӯстдоштаи ман | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Театри лӯхтак | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Аломатҳои роҳ | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Душанбе – пойтахти Тоҷикистон | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Туҳфа ба аскарон | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи 2<br>Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ватанам Тоҷикистон | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Туҳфаи идона барои модарон | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Баҳори Тоҷикистон | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани гули лола | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Наврӯзи дилафрӯз | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Фасли баҳор мавсими кор | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Рӯзи Ғалаба | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ташкил намудани намоишгоҳ | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 68 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

## РОҲНАМО БАРОИ ОМӮЗГОР АЗ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 1-ум

# Мавзӯъ: СИНФХОНА ВА ТАҶҲИЗОТИ ОН – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон бо фанни санъат ва меҳнат шинос мешаванд. Хонандагон бо таҷҳизоти зарурии фан, рангҳо ва қоидаҳои тозагию бехатарӣ ва инчунин, мафҳуми “портфолио” шинос мешаванд. Қадр кардани кори худро ёд мегиранд.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.

**Мақсади дарс:**

– номи фанро гуфта тавонад;

– таҷҳизоти зарурии фан (қаламҳои ранга, одӣ, хаткӯркунак, ҷадвал, фломастер, мӯқалам, ранги обӣ, дафтари расм, қайчӣ, ширеш ва ғ.)-ро шинохта, номи онҳоро гуфта тавонад;

– зарурати истифодаи «портфолио»-ро фаҳмонда тавонад;

– қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии фанро фаҳмонда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қалами одӣ, қаламҳои ранга, ранг, мӯқалам, хаткӯркунак, дафтари расм, ширеш, қайчӣ, коғазҳои ранга, фломастер, пластилин.

**Равиши дарс.**

**1. Сухбат дар бораи фан.** Бо хонандагон дар бораи фанни санъат ва меҳнат, дар бораи зебоиҳои олами атроф, дар бораи олами хаёлот ва ғ. суҳбат кунед. Бо онҳо саволу ҷавоб кунед:

*– Бачаҳо шумо медонед, ки ин фанни мо чӣ ном дорад? Шумо аз тамошои манзараи зебо ҳаловат мебаред? Ба фикри шумо рассом кист? Шумо расм кашиданро дӯст медоред?*

Таҷҳизоти зарурии фанро нишон дода, номашро пурсед. Агар онҳо таҷҳизотро нашиносанд, ё номашро гуфта натавонанд, худатон онро нишон дода, фаҳмонед.

**2. Портфолио.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки маҳсули кори дастиашонро дар як ҷо нигоҳ доранд. Онҳоро бо мафҳуми “портфолио”ва зарурати он шинос кунед.

*– Бачаҳо мо ҳар дарс бо фаъолиятҳои гуногун машғул мешавем: тасвир мекунем, месозем, мебурем ва ғ. Мо бояд ҳамаи корҳои худамонро нигоҳ дорем. Шумо метавонед, дар як ҷузвдони алоҳида ҳамаи корҳои дастии худатонро нигоҳ доред, ки он “портфолио” ном дорад. Агар мо чизҳоямонро дар портфолио нигоҳ дорем, онҳо гум намешаванд, ифлос намешаванд ва ҳар лаҳзае, ки даркор шаванд, мо аз як ҷо онҳоро ёфта метавонем.*

**3. Бо қоидаҳои умумии тозагӣ ва бехатарии фан шинос намоед:**

*1) пеш аз оғози дарси санъат ва меҳнат ҳамаи маводҳои хониш (ба ғайр аз таҷҳизоти зарурии фан) ва дигар чизҳои зиёдатиро аз миз гиред;*

*2) пеш аз фаъолият остинҳоятонро бардоред, ба тозагӣ риоя кунед (агар дастонатон ифлос шаванд, ба либосҳоятон намолед, мизу курсиро ҳам, тоза нигоҳ доред, ба замин ягон чиз напартоед), таҷҳизоти кориатонро беҳуда сарф накунед, дафтари расм ва дигар маводатонро надаронед ва тоза нигоҳ доред;*

*3) ҳангоми кор бо афзорҳои буранда ва нӯгашон тез эҳтиёткор бошед, маводро ба даҳонатон нагиред, афзорҳоро ба чашми худ ва дигарон наздик накунед;*

*4) баъди анҷоми фаъолият мизи кориатонро тоза кунед (таҷҳизотро ҷобаҷо гузоред, бо латтаи нам мизатонро пок кунед, агар ба замин чизе афтида бошад, онро гирифта, ба сатили партов партоед) таҷҳизотро ҷобаҷо гузоред;*

*5) баъди анҷоми кор дастонатонро бо собун шуста, бо дастпок хушк кунед;*

*6) меҳнати худ ва дигаронро қадр кунед (корҳои тайёркардаатонро напартоед, онро нигоҳ доред).*

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолиятҳо | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Номи фанро гуфта метавонад? | | | |
| Таҷҳизоти зарурии фан (қаламҳои ранга, одӣ, хаткӯркунак, ҷадвал, фломастер, мӯқалам, ранги обӣ, дафтари расм, қайчӣ, ширеш ва ғ.)-ро шинохта, номи онҳоро гуфта метавонад? | | | |
| Зарурати истифодаи портфолиоро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии фанро фаҳмонда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ИН ҚАДАР ЗЕБОСТ ТИРАМОҲИ ЗАРИН – 1 соат

**Барнома:** Сухбат дар бораи фасли тирамоҳ. Шиносоӣ бо рангҳои тирамоҳи заррин. Кори амалӣ: ранг кардани барги зардшудаи дарахтон ва нусхаи онро ба варақ гузаронидан. Дар ин дарс қобилияти омехта карда тавонистани рангҳо, шинос шудан бо омехтакунии рангҳо такмил дода мешавад.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ карда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо ранг ва мӯқалам риоя карда тавонад;
- дар бораи фасли тирамоҳ маълумот дода тавонад;
- зебоии фасли тирамоҳро мушоҳида намуда, онро ба таври хеле сода шарҳ дода тавонад;
- ранг, мӯқаламро дида, номи онҳоро гуфта тавонад;
- рангҳоро фарқ карада, номи онҳоро гуфта тавонад;
- рангҳоро омехта карда, ранги нав ҳосил карда тавонад;
- нусхаи баргро тавассути ранг ба коғаз гузаронида тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, ранги обӣ (акварел), мӯқалам, зарф бо об, барги дарахтон.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи фасли тирамоҳ.** Як сол ба чор фасл ҷудо мешавад: зимистон, баҳор, тобистон ва тирамоҳ. Ҳар як фасли сол зебоиҳои худро дорад. Тирамоҳ яке аз ин чор фасли сол мебошад, ки бо омаданаш анборҳои мардум пур аз хӯрокворӣ мешавад. Фасли тирамоҳ фасли зебо мебошад. Дар ин фасл табиат ба куллӣ тағйир меёбад. Дар фасли баҳор мо бештар чӣ гуна рангҳоро мебинем? Ба андешаи шумо ранги баргҳои дарахтон чӣ гуна мешаванд? Ақидаи кӯдаконро бо навбат гӯш карда, дар охир гӯед: «Дуруст, барги бештари дарахтон дар фасли тирамоҳ зард, норинҷӣ ва ҳатто сурх ҳам мешаванд, барои ҳамин ба ибораи дигар ин фаслро «Тирамоҳи заррин» ҳам меноманд.

**2. Шиносоӣ бо рангҳои тирамоҳи заррин.**

«Биёед, акнун андеша мекунем, ки оё ҳамаи барги дарахтон як хел зард мешаванд? Ба фикри шумо ранги зард чанд хел мешавад?» Ҷавобҳои кӯдаконро гӯш карда, арзёбӣ кунед ва гӯед: «Баргҳои дарахтон дар фасли тирамоҳ тобишҳои гуногуни заррини худро доранд. Агар аз дурӣ ранги барги дарахтон як хел бошанд ҳам, вале аз наздик бодиққат нигоҳ кунем, онҳо ба

куллӣ фарқ мекунанд. Масалан, баъзе дарахтон ранги зарди офтобӣ доранд, баъзеяшон ранги зарди сурхтоб доранд, баъзе дигарашон ранги норинҷӣ доранд». Ин рангҳоро нишон диҳед. «Акнун, биёед, худамон ин рангҳоро пайдо мекунем. Ранги зардро бо мӯқалам дар коғаз молед, акнун бо нӯги мӯқалам камтарак ба ранги сурх тар кунед ва аз болои ранги зард молида, онҳоро омехта кунед. Бинед, аз ду ранг чӣ қадар ранги зебо ҳосил шуд». Ҳамин тавр, ба ранги зард дигар рангҳоро бо навбат омехта карда, рангҳои нав ба нави зардро ҳосил намоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳо ҳам кӯшиш кунанд, ки мустақилона ранги нав омода кунанд. Диққат диҳед, ки рангҳо ба рангҳои баргҳои дарахтон дар фасли тирамоҳ монанд бошанд.

**3. Кори амалӣ. Ранг кардани баргҳои тирамоҳ.** Ба хонандагон баргҳоро тақсим кунед. «Ҳоло мо якҷоя чӣ хел ҳосил намудани рангро ёд гирифтем, акнун, биёед, ин рангҳоро истифода бурда расм ҳосил менамоем.

1) Ду рангро (масалан, зард ва сурх) дар рӯйи коғаз бо ҳам омехта кунед.

2) Ранги ҳосилшударо бо мӯқалам сатҳи баргро ранг кунед.

3) Баргро бо тарафи рангдораш ба дафтари расматон зер кунед (Кӯшиш кунед, ки ҳама кунҷҳои онро пахш намоед).

4) Баргро оҳиста гиред. Бинед, ки нусхаи барг дар дафтар монда, расми дарахт ҳосил шуд.




**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо ранг ва мӯқалам риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи фасли тирамоҳ маълумот дода метавонад? | | | |
| Зебоии фасли тирамоҳро мушоҳида намуда, онро ба таври хеле сода шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ранг, мӯқаламро дида, номи онҳоро гуфта метавонад? | | | |
| Рангҳоро фарқ карда, номи онҳоро гуфта метавонад? | | | |
| Рангҳоро омехта карда, ранги нав ҳосил карда метавонад? | | | |
| Нусхаи баргро тавассути ранг ба коғаз гузаронида метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: СОХТАНИ ЧАРОҒАКИ РОҲНАМО – 2 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи чароғаки раҳнамо. Методикаи сохтани чароғаки раҳнамо. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
- қайчӣ (микроз, дукорд), қалам, ширеш ҷадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда тавонад;
- дар гурӯҳ кор карда тавонад;
- рангҳои чароғаки роҳнаморо гуфта тавонад ва маънои онҳоро фаҳмонда тавонад;
- зарурати чароғаки роҳнаморо фаҳмонда тавонад;
- чароғаки роҳнаморо дар гурӯҳ сохта тавонад;
- кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қоғаз, ширеш, қайчӣ, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, мӯқалам, ранги обӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи чароғаки раҳнамо.** Ба хонандагон расми чароғаки раҳнамо нишон дода, аз онҳо пурсед, ки ин чист? Рангҳои он чӣ маъно доранд ва ғ. Саволу ҷавоб намуда, хонандагонро барои фикрашонро баён кардан водор кунед. Сипас, худатон дар бораи моҳияти чароғаки раҳнамо каме маълумот диҳед.

**ЧАРОҒАКИ РАҲНАМО**

Шаҳри калон – шаҳри мо,
Пури мошин – кӯчаҳо.
Чӣ хел карда гузарем,
Аз чорраҳа, бачаҳо?
Раҳ нишон диҳад ба мо
Чароғаки раҳнамо:
Сурхаш мегӯяд: ист,
Гузарад мошинаҳо!
Зардаш мегӯяд: дарров
Ба гузаштан тайёр шав!
Сабзаш даргирад агар,
Марҳамат, акнун гузар!

*Н.Бақозода*[1]

**4. Методикаи сохтани чароғаки раҳнамо.** Қадам ба қадам тарзи сохтани чароғаки роҳнаморо нишон диҳед. Дар китоби дарсӣ тарзи сохтани он нишон дода шудааст.

**5. Кори мустақилона:** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара тақсим кунед ва супориш диҳед, ки чароғаки роҳнаморо якҷоя дар гурӯҳ созанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

---

[1]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Сохтани чароғаки раҳнамо»

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Қайчӣ (дукорд, микроз), қалам, ширеш чадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда тавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Рангҳои чароғаки роҳнаморо гуфта тавонад ва маънои онҳоро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Зарурати чароғаки роҳнаморо фаҳмонда метавонад? | | | |
| Чароғаки роҳнаморо дар гурӯҳ сохта метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ФАРҲАНГИ ЛИБОСПӮШӢ – 2 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи фарҳанги либоспӯшӣ. Методикаи тасвир ва буридани либос аз коғаз. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

➢ Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.

➢ Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.

➢ Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
- қайчӣ (микроз, дукорд), қалам, ширеш, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обиро дуруст истифода бурда тавонад;
- дар бораи фарҳанги либоспӯшӣ маълумот дода тавонад;
- дар коғаз шакли коғазро тасвир карда, онро бурида тавонад;
- либоси коғазинро ранг карда, онро оро дода тавонад;
- мустақилона кор карда тавонад;
- кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ширеш, қайчӣ, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, мӯқалам, ранги обӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи фарҳанги либоспӯшӣ.** Бо хонандагон дар бораи фарҳанги либоспӯшӣ суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

– Бачаҳо, шумо дар хона чанд навъи либос доред? Кадом либосро дар мактаб мепӯшед? Кадом либосро пеш аз хоб мепӯшед? Оё бо либоси хонагӣ ба мактаб омадан мумкин аст? Оё бо либоси мактабӣ дар хона гаштан дуруст аст?...Албатта, нодуруст аст. Ҳар як либос ҷойи худро дорад. Либоси мактабиро дар мактаб мепӯшанд ва баъди мактаб либоси хонагӣ мепӯшанд, либоси идонаро бошад, фақат рӯзи ид мепӯшанд.

**4. Методикаи тасвир ва буридани либос аз коғаз.** Қадам ба қадам тарзи тасвир намудани либос, буридани он аз коғаз, ранг кардан бо мӯқалам ва оро додани онро нишон диҳед. Дар китоби дарсӣ тарзи тасвир ва буридани он нишон дода шудааст.

**5. Кори мустақилона:** Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз тасаввуроти худ либос тасвир намуда, онро аз коғаз буранд, ранг кунанд ва оро диҳанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Қайчӣ (дукорд, миқроз), қалам, ширеш, қалами одӣ, мӯқалам, ранги обиро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Дар бораи фарҳанги либоспӯшӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар коғаз шакли коғазро тасвир карда, онро бурида метавонад? | | | |
| Либоси коғазиро ранг карда, онро оро дода метавонад? | | | |
| Мустақилона кор карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: БИНОКОР МЕШАВЕМ – 2 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи санъати бинокорӣ. Методикаи сохтани хонача аз коғаз. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи санъати бинокорӣ маълумот дода тавонад;
– бо қалам ва ҷадвал нақшаи хонаро тасвир карда тавонад;
– бо қайчӣ қолаби хонаро бурида тавонад;
– қисмҳои алоҳидаи хонаро бо ҳам пайваст карда тавонад;
– хонаро эҷодкорона оро дода тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ширеш, ҷадвал, қайчӣ (дукорд, миқроз), қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, мӯқалам, ранги обӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи санъати бинокорӣ.** Аз хонандагон пурсед, ки бинокор кист ва бо чӣ кор машғул аст? Бо хонандагон дар бораи санъати бинокорӣ суҳбат ва саволу ҷавоб намуда, дар онҳо шавқи бинокор буданро бедор кунед.

*Бачаҳо, ба фикри шумо бино сохтан осон аст? Шумо боре кори устоҳоро ҳангоми хонасозӣ дидаед? Агар шумо бинокор мебудед, чӣ гуна биноҳо месохтед?*

**4. Методикаи сохтани хонача аз коғаз.** Қадам ба қадам тарзи сохтани хоначаро нишон диҳед.

Қадамҳо:

1) дар коғаз нақшаи хонаро тасвир кунед (қисмҳои зиёдатӣ барои ширеш карданро низ тасвир намоед);
2) бо қайчӣ (дукорд, миқроз) қолаби хонаро бурида гиред;
3) қисмҳои алоҳидаи хонаро бо ҳам ширеш кунед.

**Эзоҳ:** агар хонандагон дар тасвир намудани нақшаи хонача душворӣ кашанд, ба онҳо кумак расонед ва имкон диҳед, ки қисмҳои чоркунҷаи ва секунҷаи онро тавассути кубикҳои чунин шаклдошта тасвир намоянд



**5. Кори мустақилона:** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара тақсим намоед ва супориш диҳед, ки хоначаро якҷоя дар гурӯҳ созанд ва онро ранг карда, эҷодкорона оро диҳанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи санъати бинокорӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо қалам ва ҷадвал нақшаи хонаро тасвир карда метавонад? | | | |
| Бо қайчӣ қолаби хонаро бурида метавонад? | | | |
| Қисмҳои алоҳидаи хонаро бо ҳам пайваст карда метавонад? | | | |
| Хонаро эҷодкорона оро дода метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: АҲАМИЯТИ ҲАЙВОНОТ – 2 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи ҳайвонҳо ва аҳамияти онҳо. Нақл аз рӯйи мазмуни расм. Методикаи сохтани шакли ҳайвон аз пластилин. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи аҳамияти ҳайвонҳо нақл карда тавонад;
– аз рӯйи мазмуни расм нақл карда тавонад;
– ҳайвонҳои дӯстдоштаи худро номбар карда тавонад;
– бо пластилин ҳайвонҳои шаклан сода сохта тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** пластилин, кордча ва тахтачаи махсус барои пластилин.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи ҳайвонот ва аҳамияти онҳо.** Бо хонандагон дар бораи ҳайвонот ва аҳамияти онҳо суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*Бачаҳо кадом навъи ҳайвонҳоро медонед? Ҳайвонот дар зиндагии одамон ягон аҳамият доранд? Кадом ҳайвонро дӯсти одам мегӯянд?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи аҳамияти ҳайвонот дар зиндагии одам каме маълумот диҳед. Дар бораи қаҳрамонии сагҳои хизматӣ нақл кунед.

2. **Нақл аз рӯйи мазмуни расм.** Хонандагонро ба се гурӯҳ тақсим кунед. Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки ба расм нигоҳ карда, аз рӯйи мазмуни он нақл эҷод кунанд.

**3. Методикаи сохтани шакли ҳайвон аз пластилин.** Қадам ба қадам тарзи сохтани ҳайвонро аз пластилин нишон диҳед. Дар китоби дарсӣ тарзи сохтани он нишон дода шудааст.

**5. Кори мустақилона:** аз тасаввуроти худ сохтани ҳайвони дӯстдошта.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи аҳамияти ҳайвонот нақл карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи мазмуни расм нақл карда метавонад; | | | |
| Ҳайвонҳои дӯстдоштаи худро номбар карда метавонад? | | | |
| Бо пластилин ҳайвоноти шаклан сода сохта метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ДАР ОЛАМИ АФСОНА – 2 соат

**Барнома:** Дар ин дарс қобилияти дарки мазмуни матни хондашуда, инчунин эҷодиёти хаёлии хонанда инкишоф дода мешавад. Дар ин дарс хонандагон мазмуни афсонаҳои пештар хондагиашонро аз хаёли худ тасвир менамоянд.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

- ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми кор бо пластилин риоя карда тавонад;
- мазмуни афсонаро дарк карда, нақл карда тавонад;
- аз рӯйи мазмуни афсона расм эҷод карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга.

**Равиши дарс:**

**1. Афсонагӯйӣ.** Бо хонандагон суҳбат кунед ва ягон хонандаи хоҳишманд афсона гӯяд.

*– Бачаҳо, имрӯз мо дарси ғайриодӣ ва хеле шавқовар дорем. Шумо афсонаро дӯст медоред? Кадом афсонаҳоро медонед? Кадом афсонаҳо ба шумо писанд аст? Барои чӣ писанд аст? Ягон нафар хоҳиши афсона гуфтанро дорад?*

**2. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки мазмуни ягон афсонаи медонистаашонро тасвир намоянд.

*– Бачаҳо, акнун шумо ягон лаҳзаи шавқовари афсонаи медонистаатонро тасвир намоед. Шумо метавонед дилхоҳ афсона интихоб кунед.” Масалан, дар китоби дарсиатон як афсона тасвир карда шудааст ба фикри шумо ин кадом афсона аст?... Дуруст, афсонаи “Бузаки ҷингилапо”. Шумо ҳам, ана, ҳамин хел метавонед дигар афсонаҳоро тасвир намоед.*

**Эзоҳ:** Ҳангоми арзёбӣ намудани кори мустақилонаи хонандагон бештар ба қобилияти эҷодкории онҳо диққат диҳед, на ба қобилияти рассомӣ.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми кор бо пластилин риоя карда метавонад? | | | |
| Мазмуни афсонаро дарк карда, нақл карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи мазмуни афсона расм эҷод карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: Асбобҳои рӯзгор – 1 соат

**Барнома:** суҳбат дар бораи асбобҳои рӯзгор. Аз рӯйи расм нақл эҷод кардан. Методикаи тасвир намудани чойник. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;

– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;

– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;

– дар бораи асбобҳои рӯзгор маълумот дода тавонад;

– бо қалами одӣ чойникро тасвир карда тавонад;

– чойникро ранг карда, онро оро дода тавонад;

– аз хаёлоти худ асбобҳои рӯзгорро тасвир карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи асбобҳои рӯзгор.** Бо хонандагон дар бораи асбобҳои рӯзгор суҳбат ва саволу ҷавоб намоед:

*– Бачаҳо, кӣ медонад, асбобҳои рӯзгор гуфта, чиҳоро мегӯянд? Асбобҳои рӯзгори хонаро аз чӣ месозанд ва кӣ онҳоро месозад?*

Ҷавобҳои хонандагонро муҳокима намуда, худатон каме дар бораи асбобҳои рӯзгор маълумот диҳед:

*– Асбобҳои рӯзгорро аввалин маротиба одамон аз чӯб месохтанд, дертар аз гил месохтагӣ шуданд. Дар замонҳои қадим ҳамаи асбобу афзорро бо даст месохтанд, ҳоло бошад, онҳоро мошинҳои махсус месозанд.*

**2. Методикаи тасвир намудани чойник.**

*– Бачаҳо, шумо боре чойник тасвир намудаед? Ҳоло мо бо шумо тарзи кашидани чойникро меомӯзем.*

Қадамҳои тасвири чойник:

Таҷҳизоти заруриро барои дарси имрӯза омода кунед. Бо қалами одӣ дар маркази коғаз як давра тасвир намоед:

1. Аз ду тарафи давра шакли секунҷаи миёнаҳаҷм тасвир кунед.
2. Як секунчаҳоро ба дастак ва нӯги чойник монанд кунед.
3. Сарпӯшаки чойникро тасвир намоед.
4. Хатҳои асосиро серрангтар намуда, хатҳои зиёдатиро бо хаткӯркунак тоза намоед.

5. Бо қаламҳои ранга чойникро рангин кунед.[2]




**3. Кори мустақилона:** Мувофиқи намуна тасвир намудани чойник

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи асбобҳои рӯзгор маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо қалами одӣ чойникро тасвир карда метавонад? | | | |
| Чойникро ранг карда, онро оро дода метавонад? | | | |
| Аз хаёлоти худ асбобҳои рӯзгорро тасвир карда метавонад? | | | |

[2]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Асбоби рӯзгор».

## Мавзӯъ: УСТОҲОИ ХАЛҚӢ – 1 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи ҳунарҳои устоҳои халқӣ. Методикаи сохтани шакли бозичаҳои миллӣ аз пластилин. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи ҳунарҳои устоҳои халқӣ маълумот дода тавонад;
– бо пластилин бозичаҳои шаклан сода эҷод карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** пластилин, кордча ва тахтачаи махсус барои пластилин.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат дар бораи ҳунарҳои устоҳои халқӣ.** Бо хонандагон дар бораи ҳунарҳои устоҳои халқӣ суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо кадом навъи ҳунарҳои устоҳои халқиро медонед? Шумо бозичаҳои маҳсули кори дастии устоҳои халқиро дидаед? Маъмулан, ин бозичаҳоро аз чӣ месозанд?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи ҳунарҳои устоҳои гулдасти халқӣ маълумот диҳед.

**3. Методикаи сохтани шакли ҳайвон аз пластилин.** Қадам ба қадам сохтани бозичаҳоро аз пластилин нишон диҳед[3].

Қадамҳо:

1) пластилини рангаш равшанро интихоб карда, андозаи муайяни онро ҷудо карда мегирем;
2) бо дастонамон соиш дода, ба шакли дарозрӯя ё даврашакл мубаддал мегардонем;
3) ба шакли ашёи интихоб кардаамон монанд мекунем (масалан, аспак, дарозрӯя мебошад);
4) қисмҳои иловагиашро пайваст карда, ба чизҳои зарурӣ бештар монанд мекунем (масалан, пойҳо, гардан сар ва гӯшҳо);
5) бо пластилинҳои дигар ранг бозичаро оро медиҳем.

**5. Кори мустақилона:** аз тасаввуроти худ сохтани бозича.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҳунарҳои устоҳои халқӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо пластилин бозичаҳои шаклан сода эҷод карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

3. Намунаҳо дар замима китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Устоҳои халқӣ».

## Мавзӯъ: ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ – 1 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи ҳосили тирамоҳ. Нақл аз рӯйи расм. Шиносоӣ бо меваҳо ва сабзавот. Бозии "Чорумаш бегона" барои беҳтар аз худ кардани фарқи меваҳо аз сабзавот. Методикаи тасвир намудани меваҳо. Кори амалӣ. Тасвири сабзавот ва меваҳо.

**Салоҳиятҳо:**

- якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи ҳосилғундории фасли тирамоҳ маълумот дода тавонад;
– дар кори гурӯҳӣ фаъолият карда тавонад;
– аз рӯйи расм нақл эҷод карда тавонад;
– меваҳоро аз сабзавот фарқ карда тавонад;
– мева ва забзавотро гурӯҳбандӣ карда тавонад;
– меваҳо ва сабзавоти шаклан сода (даврашакл, дарозрӯя )-ро тасвир карда тавонад;
– меваҳо ва сабзавоти тасвиркардаашро бо ранги муносиб ранг карда тавонад;
– аз хотирааш расми сабзавот ё меваҳоро тасвир ва ранг карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** кортҳо бо расмҳои меваҳо ва сабзавот, қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи ҳосили тирамоҳ.** Бо хонандагон доир ба ҳосили тирамоҳӣ суҳбат кунед. Бо онҳо саволу ҷавоб намоед.

*– Барои чӣ дар тирамоҳ кори деҳқон зиёд мешавад? Барои чӣ фасли тирамоҳро фасли ҳосилғундорӣ мегӯянд? Дар фасли тирамоҳ кадом навъи ҳосилро ҷамъ мекунанд?*

Хонандагонро ба чор гурӯҳ тақсим намоед ва ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки аз рӯйи расмҳои китоб нақл эҷод кунанд. Ба ҳар як гурӯҳ яктоӣ расми китобро вобаста кунед.

**2. Шиносоӣ бо меваҳо ва сабзавот.** Бо хонандагон бозии "Чорумаш бегона" доир намоед. Кортҳоро, ки дар он расми чор меваю сабзавот тасвир карда шудааст, пешакӣ омода созед. Аз ин чор меваю сабзавот бояд яктоаш зиёдатӣ бошад, яъне ба гурӯҳи се чизи боқимонда мувофиқат накунад. Масалан, сетоаш меваю, яктоаш сабзавот ё ин ки сетоаш сабзавоту яктоаш мева. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед ва ба ҳар як гурӯҳ кортҳоро баробар тақсим кунед. Гурӯҳҳо ба худашон номи ягон мева ё сабзавотро интихоб кунед. Хоҳиш, ки аз ҳар корт зиёдатиашро ёбанд. Кадом гурӯҳе, ки миқдори зиёдтари ҷавобҳои дурустро пешниҳод намояд, ғолиб мебарояд.

*– Бачаҳо, биёед, як бозӣ мегузаронем, ки номи он «Аз дӯстони сегона чорумаш бошад, бегона» мебошад.* [4]

[4]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Ҳосили тирамоҳ».



**3. Тарзи тасвир намудани меваҳо ва сабзавот.** Тарзи тасвир намудани меваҳо ва сабзавотро қадам ба қадам нишон диҳед:

1) шакли асосии мева ё сабзавот(даврашакл, дарозрӯя ва ғ.)-ро тасвир намоед;

2) қисмҳои иловагии мева, ё сабзавот (барг, чӯб), гирдҳои онро тасвир намоед;

3) қисмҳои зиёдатиашро бо хаткӯркунак тоза кунед;

4) бо қаламҳои ранга ранг кунед.[5]



**4. Кори амалӣ.** Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ба намунаҳо нигоҳ карда, мустақилона меваю сабзавотро тасвир ва ранг намоянд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҳосилғундории фасли тирамоҳ маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар кори гурӯҳӣ фаъолият карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи расм нақл эҷод карда метавонад? | | | |
| Меваҳоро аз сабзавот фарқ карда метавонад? | | | |

[5]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Ҳосили тирамоҳ».

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мева ва забзавотро гурӯҳбандӣ карда метавонад? | | | |
| Меваю сабзавоти шаклан сода (даврашакл, дарозрӯя)-ро тасвир карда метавонад? | | | |
| Меваю сабзавоти тасвиркардаашро бо ранги муносиб ранг карда метавонад? | | | |
| Аз хотирааш расми сабзавот ё меваҳоро тасвир ва ранг карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ҲАШАР – 1 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон дар бораи ҳашар ва фоидаи он маълумот гирифта, бо тарзи сохтани қуттича шинос мешаванд.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– қайчӣ, қалам, ширеш, ҷадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда тавонад;
– дар бораи ҳашар маълумот дода тавонад;
– фоидаи ҳашарро дарк карда, онро фаҳмонда тавонад;
– ба намуна нигоҳ карда, қуттича сохта тавонад;
– аз тасаввуроти худ қуттичаро оро дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ё картон, ширеш, қайчӣ, қалами одӣ, хаткӯркунак.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи ҳашар ва фоидаи он.** Бо хонандагон дар бораи ҳашар ва фоидаи он суҳбат намоед:

*– Бачаҳо, ҳашар гуфта, шумо чиро мефаҳмед? Шумо боре ҳашар кардаед? Аз ҳашар ягон фоида ҳаст? Барои чӣ одамон ҳашар мекунанд?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи ҳашар ва фоидаи он маълумот диҳед.

**2.Методикаи сохтани қуттича.** Қадам ба қадам тарзи сохтани қуттичаро нишон диҳед.[6]

[6]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Ҳашар».

**Қадамҳо:**

1.  2.  3. 

4.  5.  6. 

**5. Кори мустақилона:** ба хонандагон супориш диҳед, ки расми белчаро сохта, онро аз тасаввуроти худ оро диҳанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Қайчӣ, қалам, ширеш ҷадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҳашар маълумот дода метавонад? | | | |
| Фоидаи ҳашарро дарк карда, онро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Ба намуна нигоҳ карда, қуттича сохта метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ қуттичаро оро дода метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ОРОИШИ КИТОБ – 1 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи китоб ва нигоҳубини он. Методикаи сохтан ва оро додани китобча. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– қайчӣ, қалам, ширеш ҷадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда тавонад;
– қадри китобро фаҳмонда тавонад;
– аз коғаз китобча сохта тавонад;
– аз тасаввури худ китобчаро оро дода тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ширеш, қайчӣ, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, мӯқалам, ранги обӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи қадри китоб ва нигоҳубини он.** Бо хонандагон дар бораи китоб ва нигоҳубини он суҳбат намоед:

*– Бачаҳо шумо дар хона китобҳои кӯдакона доред? Шумо китоб хонданро дӯст медоред? Китобҳоятонро эҳтиёт мекунед? Оё китобро ифлос карда, варақҳояшро кандан мумкин аст?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи қадри китоб ва нигоҳубини он маълумот диҳед.

**2. Методикаи сохтан ва оро додани китобча.** Қадам ба қадам тарзи сохтани китобчаро бо усули қаткунӣ (оригамӣ) нишон диҳед. Китобчаро бо роҳҳои гуногун (гулмонӣ, ширешкунӣ, тасвир кардан ва ғ.) оро додан мумкин аст. Ба хонандагон роҳи нисбатан осонтар, яъне ороиш додани муқоваи китобро нишон диҳед.[7]



**5. Кори мустақилона:** ба хонандагон супориш диҳед, ки китобчаро сохта онро аз тасаввури худ оро диҳанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Қайчӣ, қалам, ширеш ҷадвал ва қаламро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Қадри китобро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Аз коғаз китобча сохта метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ китобчаро оро дода метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

[7]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат, синфи 1, мавзӯи «Ороиши китоб».

# Мавзӯъ: САНЪАТИ АФСОНАГӮЙӢ – 1 соат

**Барнома:** Дар ин дарс қобилияти дарки мазмуни матни хондашуда, инчунин, эҷодиёти хаёлии хонанда инкишоф дода мешавад. Дар ин дарс хонандагон қаҳрамонҳои афсонавиро тасвир намуда, шакли онҳоро бурида мегиранд.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;
– мазмуни афсонаро дарк карда, нақл карда тавонад;
– аз тасаввуроти худ қаҳрамонҳои афсонавиро тасвир карда, шакли онҳоро аз қоғаз бурида тавонад;
– дар гурӯҳ кор карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, қайчӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Афсонагӯйӣ.** Бо хонандагон суҳбат намоед ва ягон хонандаи хоҳишманд афсона гӯяд.

*– Бачаҳо, имрӯз мо афсона мегӯем. Шумо афсонаро дӯст медоред? Кадом афсонаҳоро медонед? Ягон нафар хоҳиши афсона гуфтанро дорад? Мо имрӯз қаҳрамонҳои афсонавиро тасвир намуда, шаклашонро аз коғаз бурида мегирем.*

**2. Кори мустақилона.** Хонандагонро ба се гурӯҳ тақсим кунед. Ба ҳар се гурӯҳ яктоӣ афсонаҳои гуногуни маъмулро тақсим намоед. Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки афсонаро ба хотир оварда, қаҳрамонҳои афсонаро тасвир намуда, шакли онҳоро аз коғаз бурида гиранд. Баъди иҷрои супориш гурӯҳҳо ҳар як қаҳрамони афсонавии худро нишон дода, нақш ва хислаташро муаррифӣ кунанд.

**Эзоҳ:** Ҳангоми арзёбӣ намудани кори гурӯҳии хонандагон бештар ба қобилияти эҷодкорӣ ва дар гурӯҳ кор карда тавонистанашон диққат диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Аз хаёли худ тасвир намудани мазмуни афсона.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Мазмуни афсонаро дарк карда, нақл карда метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ қаҳрамонҳои афсонавиро тасвир карда, шакли онҳоро аз коғаз бурида метавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ТЕАТР ВА НАҚШОФАРӢ – 2 соат

**Барнома:** Дар ин дарс хонандагон дар бораи театр ва нақшофарӣ маълумот мегиранд. Инчунин, онҳо бо методикаи сохтани ниқоб шинос мешаванд.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи театр ва нақшофарӣ маълумот дода тавонад;
– моҳияти театрро дарк карда, онро ба таври хеле сода шарҳ дода тавонад;
– қадамҳои намунаро иҷро карда тавонад;
– аз тасаввуроти худ ниқоб сохта тавонад;
– нақш офарида тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази ғафс (картон), ё лаъличаи пластикӣ, кайчӣ, ширеш, коғази ранга, дафтари расм, ранги обӣ (акварел), мӯқалам, зарф бо об, баргҳои дарахтон.

**Равиши дарс :**

**1. Суҳбат дар бораи театр ва нақшофарӣ.** Бо хонандагон дар бораи театр ва нақшофарӣ саволу ҷавоб ва суҳбат намоед.

*– Бачаҳо, кӣ медонад театр чист? Дар театр одамон бо чӣ кор машғуланд? Шумо боре ба театр рафтаед? Ба фикри шумо нақш офаридан кори осон аст?*

Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, якҷоя бо онҳо муҳокима намоед ва дар охир худатон дар бораи театр ва нақшофарӣ каме маълумот диҳед.

**2. Шиносоӣ бо методикаи сохтани ниқоб.**

*– Ниқобро бо усулҳои хеле гуногун сохтан мумкин аст. Имрӯз мо яке аз ҳамин усулҳоро якҷоя меомӯзем.*

Дар назди тахтаи синф истода, қадамҳои фаъолиятро нишон диҳед. Баъди ҳар як қадами фаъолият дар байни қаторҳо гашта, нигоҳ кунед, ки оё ҳама аз уҳдаи кор мебароянд ё не. Ба онҳое, ки душворӣ мекашанд, ё худатон кумак расонед, ё хонандагони нисбатан фаъолтарро вобаста кунед. Қадамҳои фаъолият дар замима ба китоби дарсӣ оварда шудааст.[8]



[8] Намунаҳо дар замима ба китоби дарсии «Санъат ва меҳнат синфи» 1, мавзӯи «Театр ва нақшофарӣ»




1.




2.




3.




4.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи театр ва нақшофарӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Моҳияти театрро дарк карда, онро ба таври хеле сода шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қадамҳои намунаро иҷро карда метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ ниқоб сохта метавонад? | | | |
| Нақш офарида метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ПАРАНДАГОН – ДӮСТОНИ МО – 2 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи парандагон. Тарзи сохтани хонача барои парандагон. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;

– қайчӣ (дукорд, миқроз), қалам, ширеш ҷадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда тавонад;

– дар гурӯҳ кор карда тавонад;

– дар бораи парандагон нақл карда тавонад;

– парандагонро аз ҳайвонҳо фарқ карда тавонад;
– ба парандагон раҳму шафқат карда, ҳиссиёти худро изҳор карда тавонад;
– аз коғаз ва картон хонача сохта тавонад;
– хоначаро оро дода тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ширеш, қайчӣ, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, мӯқалам, ранги обӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи парандагон.** Бо хонандагон дар бораи парандагон суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо кадом парандаҳоро медонед? Парандаҳо аз ҳайвонот чӣ фарқ доранд? Оё парандагонро азоб додан дуруст аст?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи парандагон каме маълумот диҳед.

**4. Тарзи сохтани хонача барои парандагон.** Қадам ба қадам тарзи сохтани хоначаро нишон диҳед. Дар китоби дарсӣ тарзи сохтани он нишон дода шудааст.

**5. Кори мустақилона:** хонандагонро ба се гурӯҳ тақсим намуда, супориш диҳед, ки барои парандагон хонача созанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Қайчӣ (дукорд, микроз), қалам, ширеш ҷадвал ва қаламро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Дар бораи парандагон нақл карда метавонад? | | | |
| Парандагонро аз ҳайвонҳо фарқ карда метавонад? | | | |
| Ба парандагон раҳму шафқат карда, ҳиссиёти худро изҳор карда метавонад? | | | |
| Аз коғаз ва картон хонача сохта метавонад? | | | |
| Хоначаро оро дода тавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ФИЛМҲОИ ТАСВИРӢ – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс қобилияти дарки мазмуни филми тасвирии тамошокарда , инчунин эҷодиёти хаёлии хонандагон инкишоф дода мешавад. Дар ин дарс хонандагон қаҳрамонҳои филмҳои тасвирии тамошокардаашонро аз хаёли худ тасвир мекунад.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи манфиат ва зарари филми тасвирӣ маълумот дода тавонад;
– бо пластилин қаҳрамонҳои филмҳои тасвирии дӯстдоштаашро эҷод карда тавонад;

– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** пластилин, кордча ва тахтачаи махсус барои пластилин.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи филмҳои тасвирӣ.** Бо хонандагон дар бораи филмҳои тасвирӣ суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо, филми тасвирӣ гуфта чиро мефаҳмед? Шумо кадом филмҳои тасвириро тамошо кардаед? Кадом филмҳои тасвириро дӯст медоред? Тамошои филми тасвирӣ манфиат дорад? Дар як рӯз барои тамошои филми тасвирӣ чӣ қадар вақт сарф мекунед? Ба фикри шумо тамоми рӯз тамошо кардани филми тасвирӣ дуруст аст? Ба фикри шумо дар як рӯз барои тамошои филми тасвирӣ чӣ қадар вақт сарф кардан лозим аст?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи манфиат ва зарари тамошои филмҳои тасвирӣ маълумот диҳед. Реҷаи тамошои филми тасвириро пешниҳод намоед.

**3. Методикаи сохтани шакли қаҳрамонҳои афсонавӣ аз пластилин.** Қадам ба қадам сохтани қаҳрамонҳои афсонавиро аз пластилин нишон диҳед.

Қадамҳо:

1) пластилини рангаш равшанро интихоб карда, андозаи муайяни онро ҷудо карда мегирем;

2) бо дастонамон соиш дода, ба шакли дарозрӯя, ё давращакл мубаддал мегардонем;

3) ба шакли ашёи қаҳрамони интихобкардаамон монанд мекунем (масалан, аспак дарозрӯя мебошад);

4) қисмҳои иловагиашро пайваст карда, ба ашёи зарурӣ бештар монанд мекунем (масалан, пойҳо, гардан сар ва гӯшҳо);

5) бо пластилинҳои дигар ранг бозичаро оро медиҳем.

**5. Кори мустақилона:** аз тасаввуроти худ сохтани қаҳрамонҳои филмҳои тасвирӣ.

**Вазифаи хонагӣ.** Тасвири қаҳрамонҳои филмҳои тасвирӣ.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи манфиат ва зарари филми тасвирӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо пластилин қаҳрамонҳои филмҳои тасвирии дӯстдоштаашро эҷод карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: КӢ БЕШТАР ЧИСТОН МЕДОНАД? – 1 соат

**Барнома:** Дар ин дарс тафаккури мантиқии хонанда инкишоф дода мешавад. Хонандагон чистонҳо мегӯянд ва ҷавоби онҳоро мёбанд. Инчунин, онҳо дар гурӯҳ ребусҳои расмдорро ҳал карда, расми ҷавоби дурустро тасвир менамоянд.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;
– ба чистонҳо ҷавоб дода тавонад;
– чистон гуфта тавонад;
– ҷавоби ребусҳои расмдорро ёфта, расми онҳоро тасвир карда тавонад;
– дар гурӯҳ кор карда тавонад;
– ребусҳои нав эҷод карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга,фломастер.

**Равиши дарс:**

**1. Чистонгӯйӣ.** Бо хонандагон дар бораи чистонгӯйӣ суҳбат намоед ва ягон хонандаи хоҳишманд чистон гӯяд.

*– Бачаҳо, шумо медонед, ки чистон чист? Шумо чистон гуфтан ва ҷавоби онро ёфтанро дӯст медоред? Ягон нафар хоҳиши чистон гуфтанро дорад?*

**2. Ребусҳои расмдор.** Ба хонандагон тарзи ҳал кардани ребусро нишон диҳед ва қонунияти онро фаҳмонед. Хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ дутоӣ ребус тақсим кунед. Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки ребусҳоро ҳал карда, ҷавоби дурусти онро дар дафтари расмашон тасвир кунанд. Баъди иҷрои супориш гурӯҳҳо кори худашонро муаррифӣ намоянд[9].




**(хар+гӯш=харгӯш)**







[9] . Намунаҳо дар замима ба китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Кӣ бештар чистон медонад?».




**Эзоҳ:** Ҳангоми арзёбӣ намудани кори хонандагон бештар ба қобилияти мантиқӣ ва дар гурӯҳ кор карда тавонистани онҳо диққат диҳед, на ба қобилияти рассомӣ.

**Вазифаи хонагӣ**. Аз хаёли худ эҷод намудани як ребус.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Ба чистонҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Чистон гуфта метавонад? | | | |
| Ҷавоби ребусҳои расмдорро ёфта, расми онҳоро тасвир карда метавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Ребусҳои нав эҷод карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: НАҚЛИЁТ – 1 соат

**Барнома:** Дар ин дарс хонандагон бо навъҳои воситаи нақлиёт шинос мешаванд. Тарзи тасвир ва сохтани баъзе навъҳои воситаи нақлиётро меомӯзанд.

**Салоҳиятҳо:**

- Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи воситаҳои нақлиёт маълумот дода тавонад;
– воситаҳои нақлиётро гурӯҳбандӣ карда тавонад;
– расми воситаҳои нақлиётро тасвир карда тавонад;
– дар гурӯҳ кор карда тавонад;
– аз тасаввуроти худ расми воситаҳои нақлиётро тасвир карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга, фломастер, коғаз, ширеш, қуттичаҳои коғазии холӣ, картон.

**Равиши дарс:**

**1. Намудҳои нақлиёт.** Бо хонандагон дар бораи навъҳои нақлиёт суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

**Ангезиши зеҳн:**

– *Бачаҳо, нақлиёт чист? Кадом навъи воситаи нақлиётро медонед? Кадом навъи нақлиётро шумо истифода бурдаед? Ба шумо кадом навъи воситаи нақлиёт бештар писанд аст?*

Баъди муҳокимаи ҷавобҳо худатон дар бораи навъҳои воситаи нақлиёт каме маълумот диҳед.

– *Навъҳои воситаи нақлиёт хеле гуногунанд, вале агар мо онҳоро гурӯҳбандӣ кунем, воситаҳои нақлиётро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: нақлиёти заминӣ, обӣ ва ҳавоӣ. Ба нақлиёти заминӣ, ҳама навъи воситаҳои нақлиёте, ки дар рӯйи замин ҳаракат мекунад, дохил мешаванд; масалан, мошинҳо мотосикл, велосипед ва ғайра. Ба нақлиёти обӣ ҳама навъи воситаҳои нақлиёте, ки дар об ҳаракат мекунанд, дохил мешаванд, масалан, киштиҳо. Ба нақлиёти ҳавоӣ ҳама навъи воситаи нақлиёти ҳавоӣ дохил мешаванд, масалан, ҳавопаймоҳо...*

**2. Методикаи тасвири воситаи нақлиёт.** Хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо намоед. Гурӯҳҳоро аз рӯйи навъҳои воситаи нақлиёт (заминӣ, обӣ ва ҳавоӣ) ҷудо кунед. Ба ҳар як гурӯҳ супориш диҳед, ки расми навъи воситаи нақлиёти гурӯҳи худашонро тасвир кунанд. Масалан, гурӯҳи якум расми мошин, гурӯҳи дигар расми киштӣ ва гурӯҳи сеюм расми ҳавопайморо тасвир мекунанд. Баъди иҷрои супориш гурӯҳҳо кори худашонро муаррифӣ намоянд.[10]



1.



2.



3.

Уштурқуланги бедум,
На ҷав хӯрад, на гандум,
Об хӯрад зи дарё,
Кор кунад ба мардум.
*(Киштӣ)*

[10] . Намунаҳо дар замима ба китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Нақлиёт».



Об мехӯрад, даранда нест,
Лаҷом дорад, даванда нест,
Бор мекашад мисоли фил,
Тез меравад, паранда нест.
*(Ҳавопаймо)*

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи нақлиёт маълумот дода метавонад? | | | |
| Нақлиётро гурӯҳбандӣ карда метавонад? | | | |
| Расми нақлиётро тасвир карда метавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ расми воситаҳои нақлиётро тасвир карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: Нақшу нигори миллӣ – 1 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон дар бораи нақшу нигори миллӣ маълумот гирфта, бо тарзи тасвир ва буридани он шинос мешаванд. Инчунин, дар ин дарс ҳисси зебоипарастии хонандагон бедор карда мешавад.

**Салоҳиятҳо:**

– Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– Намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи нақшу нигори миллӣ маълумоти сода дода тавонад;
– моҳияти оро доданро дарк карда, онро шарҳ дода тавонад;
– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
– коғазро қадам ба қадам қат карда, дар он гул тасвир карда тавонад;
– аз коғаз гулро бурида гирифта, онро дар дигар коғаз ширеш карда тавонад;
– супоришро мустақилона иҷро карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази сафед, қалами одӣ, қаламҳои ранга, коғази ранга, хаткӯркунак, қайчӣ (дукорд, микроз), ширеш.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи нақшу нигори миллӣ.** Бо хонандагон дар бораи нақшу нигори миллӣ суҳбат намоед. Бо онҳо саволу ҷавоб кунед.

*– Бачаҳо, нақшу нигор гуфта чиро мефаҳмед? Нақшу нигорро дар куҷоҳо истифода мебаранд? Шумо нақшу нигори миллии моро дидаед? Барои чӣ мо бо нақшу нигор ҳама ҷоро оро медиҳем?*

Баъди муҳокимаи ҷавобҳо дар бораи нақшу нигор ва моҳияти он каме маълумот диҳед.

**2. Методикаи тасвири нақшу нигор дар коғаз ва буридани он.** Ба хонандагон қадам ба қадам усулҳои содаи тасвири нақшу нигор ва буридани онро аз коғаз нишон диҳед. Ҳар як қадамро дар назди тахтаи синф истода нишон диҳед, нигоҳ кунед, ки ҳамаи хонандагон ин қадамро дуруст иҷро карда тавонистанд ё не. Ба онҳое, ки дар иҷрои фаъолият мушкилӣ мекашанд, наздик омада, нишон диҳед ва кумак кунед. [11]

*Намуна*:

Коғази сафеди чор кунҷаш баробарро гиред (агар баробар набошад, онро баробар карда, буред).

1. Коғазро аз мобайнаш чун дар намуна қат кунед.
2. Коғази қаткардаатонро боз як бор аз мобайнаш қат кунед.
3. Коғази қаткардаатонро боз як бори дигар қат кунед, то секунҷа ҳосил шавад.
4. Аз як тарафи коғаз ягон гул кашед ва онро бо қайчӣ бурида партоед.
5. Коғазро кушоед, нақшу нигор омода шуд.
6. Нақшу нигори омодашударо дар коғази рангаш фарққунанда ширеш кунед.

Шумо метавонед, дар қадами 4 гулҳои гуногунро тасвир намуда, нақшҳои гуногунро омода кунед.



**1.**



**2.**

---

[11]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Нақшу нигори миллӣ».

**3. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ин фаъолиятро худашон мустақилона иҷро кунанд. Ба онҳо супориш диҳед, ки эҷодкорона гул тасвир карда, нақшу нигорҳои гуногунро омода намоянд. Нақшу нигорро хонандагон метавонанд аз коғази ранга омода намуда, ба коғази рангаш фарққунанда ширеш кунанд, ё нақшу нигорро аз коғази сафед омода намуда, сипас бо қаламҳои ранга (фломастер, ранги обӣ) ранг карда, онро дар коғази сафед ширеш кунанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи нақшу нигори миллӣ маълумоти сода дода метавонад? | | | |
| Моҳияти оро доданро дарк карда, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Қоғазро қадам ба қадам қат карда, дар он гул тасвир карда метавонад? | | | |
| Аз коғаз гулро бурида гирифта, онро дар дигар коғаз ширеш карда метавонад? | | | |
| Супоришро мустақилона иҷро карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: АЗ АСЛ СОХТАНИ МЕВАҶОТ – 1 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи пластилин ва маводди мулоим. Шиносоӣ бо тарзи кор бо пластилин. Тарзи сохтани меваҳои шаклан сода бо пластилин. Кори амалӣ сохтани меваҳои шаклан сода аз пластилин.

**Салоҳиятҳо:**

–якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
–дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
–намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми кор бо пластилин риоя карда тавонад;
– маводҳои мулоими ба пластилин монандро номбар карда тавонад;
– пластилинро мувофиқи мақсад ба қисмҳо дуруст тақсим карда тавонад;
– аз пластилин шаклҳои сода (давра ва дарозрӯя) омода карда тавонад;
– қисмҳои алоҳидаи пластилинро бо ҳам пайваст карда тавонад;
– барои омода намудани меваи муайян ранги пластилини мувофиқро интихоб карда тавонад;
– аз пластилин меваҳои шаклан содаро сохта тавонад;
– аз тасавуроти худ мева сохта тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** Пластилин, тахтача ва кордчаи махсус барои фаъолият бо пластилин.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат дар бораи пластилин ва маводди мулоим.** Бо хонандагон дар бораи пластилин суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Оё шумо медонед, ки пластилин чӣ аст? Боз кадом маводҳоро медонед, ки ба пластилин монанд бошад? Аз пластилиин чиҳо сохтан мумкин аст?”*

–Ҷавобҳои хонандагонро якҷоя муҳокима карда, илова намоед.

*– Пластилин маводди мулоим аст ва онро ба шаклҳои гуногун тағйир додан мумкин аст. Хамир ва лой ҳам ба пластилин монанд мебошанд. Аз пластилин бозичаҳои гуногун сохтан мумкин аст.*

**2.Шиносоӣ бо тарзи кор бо пластилин.** Ба хонандагон қоидаҳои кор бо пластилинро фаҳмонед:

1) мизи кориатонро омода намоед (асбобҳои хониш: китоб, дафтар, қалам ва ғайраро як тараф гузоред);

2) пеш аз фаъолият остинҳоятонро бардоред, бо пластилин эҳтиёткорона кор кунед, пластилинро дар болои тахтачаи махсус гузоред, мизу курсиро бо пластилин олуда накунед, пластилинро ба даҳонатон нагиред;

3) ҳангоми кор бо кордчаҳо барои буридани пластилин эҳтиёткор бошед;

4) баъди анҷоми кор мизи кориатонро тоза карда, пластилинро ба қуттичааш гузоред;

5) баъди анҷоми кор дастонатонро бо собун шуста, бо дастпок хушк кунед.

**3. Тарзи сохтани меваҳои шаклан сода бо пластилин.** Акнун мо бо шумо тарзи сохтани меваро ёд мегирем:

1) ранги мувофиқи пластилинро интихоб карда, андозаи муайяни онро ҷудо мекунем;

2) бо дастонамон соиш дода, ба шакли дараросрӯя, ё даврашакл табдил медиҳем;

3) ба шакли меваи интихобкардаамон монанд мекунем (масалан, себ доирашакл мебошад);

4) қисмҳои иловагиашро пайваст карда, ба мева бештар монанд мекунем (масалан, агар ба пластилини сурх каме пластилини зард илова карда, каме соиш диҳем, себи мо зеботар мешавад).[12]



1.



2.

[12]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Аз асл сохтани шакли меваҷот».

**4.Кори амалӣ.** Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки аз тасаввуроти худ бо пластилин меваҳо созанд.

**Ташкили намоишгоҳ.** Дар охири дарс натиҷаи кори ҳамаи хонандагонро гирифта, дар гӯшаи синф намоишгоҳ ташкил кунед. Албатта, кори ҳамаи хонандагонро таъриф намоед.

**Вазифаи хонагӣ.** Бо пластилин сохтани меваҳое, ки дар синф насохтаанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми кор бо пластилин риоя карда метавонад? | | | |
| Маводди мулоими ба пластилин монандро номбар карда метавонад? | | | |
| Пластилинро мувофиқи мақсад ба қисмҳо дуруст тақсим карда метавонад? | | | |
| Аз пластилин шаклҳои сода (давра ва дарозрӯя) омода карда метавонад? | | | |
| Қисмҳои алоҳидаи пластилинро бо ҳам пайваст карда метавонад? | | | |
| Барои омода намудани мева ва ё сабзавоти муайян ранги пластилини мувофиқро интихоб карда метавонад? | | | |
| Аз пластилин мева ва сабзавоти шаклан содаро сохта метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ мева ё сабзавот сохта метавонад? | | | |

### Мавзӯъ: Зимистон фасли зебост – 2 соат

**Барнома:** Суҳбат дар бораи фасли зимистон ва барф. Нақл аз рӯйи расм. Бедор намудани муҳаббат нисбати табиат ва фасли зимистон. Рушд додани қобилияти дида тавонистани зебоии атроф. Саволу ҷавоб. Кори амалӣ. Тасвири барф дар коғаз.

**Салоҳиятҳо:**

- якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи зимистон ва барф маълумот дода тавонад;
– аз рӯйи расм нақл эҷод карда тавонад;
– барфро дар рӯйи коғази ранга тасвир карда тавонад;
– аз хаёлоти худ дарахт ва барфро тасвир карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ё картонҳои ранга; ранг (гуаш), ё бӯрчаҳои ранга; мӯқалам ё чӯбчаҳои пахтадор (гӯштозакунак); зарф барои об.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи фасли зимистон.** Бо хонандагон дар бораи фасли зимистон суҳбат ва саволу ҷавоб намоед:

*– Бачаҳо, фасли зимистон чӣ гуна фасл аст? Ҳаво дар фасли зимистон чӣ хел мешавад? Ҳангоми боридани барф табиат чӣ гуна мешавад? Дар фасли*

*зимистон бештар чӣ гуна рангҳоро дидан мумкин аст? Шумо фасли зимистонро дӯст медоред? Барои чӣ?*

Бо хонандагон дар якҷоягӣ ба ин саволҳо ҷавоб дода, онҳоро муҳокима намоед ва худатон низ илова карда, дар ниҳоди хонандагон меҳру муҳаббатро нисбати табиат ва фасли зимистон бедор намоед:

*– Бачаҳо, дар фасли зимистон ҳаво хунук мешавад ва барф меборад. Вақте ки барф бисёр меборад, табиат гӯё либоси сафед мепӯшад. Манзараи барфпӯши табиат ниҳоят зебо мебошад. Ягон нафари шумо дар бораи фасли зимистон шеър медонад? Кӣ барои мо шеър мехонад?*

**2. Нақл аз рӯйи расм.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз рӯйи расмҳои даркитоббуда нақл эҷод кунанд.

**3. Тарзи тасвир намудани барф дар коғаз.** Ба хонандагон тарзи тасвир намудани барфро нишон диҳед. Азбаски барф сафед аст, бинобар ин онро дар болои коғази ранга тасвир намоед.[13]



**4. Кори амалӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки фаъолиятро мустақилона иҷро кунанд.

**Ташкили намоишгоҳ.** Дар охири дарс натиҷаи кори ҳамаи хонандагонро гирифта, дар гӯшаи синф намоишгоҳ ташкил кунед. Албатта, кори ҳамаи хонандагонро таъриф намоед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи зимистон ва барф маълумот дода метавонад? | | | |
| Аз рӯйи расм нақл эҷод карда метавонад? | | | |
| Барфро дар рӯйи коғази ранга тасвир карда метавонад? | | | |
| Аз хаёлоти худ дарахт ва барфро тасвир карда метавонад? | | | |

[13]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Зимистон – фасли зебо».

**Мавзӯъ: Бозиҳои зимистона – 2 соат**

**Барнома:** Суҳбат дар бораи бозиҳои зимистона. Аз рӯйи расм нақл эҷод кардан. Тарзи бо мӯқалам тасвир намудани одами барфӣ. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

- якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи бозиҳои зимистона ва одами барфӣ маълумот дода тавонад;
– одами барфиро аз рӯйи намуна бо мӯқалам тасвир карда тавонад;
– аз хаёлоти худ одами барфиро тасвир карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, мӯқалам, ранги обӣ, зарф барои об.

**Равиши дарс:**

1. **Суҳбат дар бораи бозиҳои зимистона.** Бо хонандагон дар бораи бозиҳои зимистона суҳбат ва саволу ҷавоб кунед:

*– Бачаҳо, шумо фасли зимистонро дӯст медоред? Шумо дар зимистон ҳангоми боридани барфи бисёр бо кадом бозиҳо машғул мешавед?*

**2. Аз рӯйи расм нақл эҷод кардан.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба расми китоб нигоҳ карда, нақл эҷод намоянд.

**3. Тарзи тасвир намудани одами барфӣ.**

*– Бачаҳо, шумо боре одами барфӣ сохтаед? Ҳоло мо бо шумо одами барфиро бо мӯқалам ва ранги обӣ тасвир мекунем.*

Қадамҳои тасвири одами барфӣ:

**1.** Таҷҳизоти заруриро барои дарси имрӯза омода кунед. Мӯқаламро ба об ва ранги осмонӣ омехта карда, дар қисми поёни коғаз як доирача тасвир кунед.

**2.** Аз болои ин доирача як доирачаи нисбатан хурдтарро тасвир кунед.

**3.** Кулоҳ ва гарданбанди одами барфиро бо ранги дилхоҳатон тасвир кунед.

**4.** Бинии одами барфиро бо ранги норинҷӣ тасвир кунед. Кулоҳашро низ оро диҳед.

**5.** Чашмон ва дастони одами барфиро тасвир намоед.

**6.** Тугмаҳои одами барфиро тасвир кунед. Дар ҷойҳои холии коғаз заррабарфҳо тасвир кунед.[14]

---

[14]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Бозиҳои зимистона».



**3. Кори мустақилона:** Мувофиқи намуна тасвир намудани одами барфӣ

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи бозиҳои зимистона ва одами барфӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Одами барфиро аз рӯйи намуна бо мӯқалам тасвир карда метавонад? | | | |
| Аз хаёлоти худ одами барфиро тасвир карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ТАЙЁРИИ ХОНАНДАГОН БА СОЛИ НАВ – 1 соат

**Барнома.** Суҳбат дар бораи Соли нав ва оро додани хона ва синф дар ин ид. Омода намудани ашёи ороишӣ. Дастаҷамъӣ оро додани синф барои ҷашни Соли нав.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи Соли нав маълумот дода тавонад;
– дар коғаз ҳалқача тасвир карда тавонад;
– ҳалқачаҳоро бурида, онҳоро бо ҳам пайваст карда тавонад;
– ҳисси зебоипарастиашро дар оро додани синф нишон дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** Бозичаҳои солинавӣ, бозичаҳои худсохт, заррачаҳои барф аз коғаз ва ғ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи оро додани хона ва синф дар иди Соли нав.** Бо хонандагон дар бораи ороиш додани хона ва синф дар ҷашни Соли нав суҳбат намоед. Бо онҳо саволу ҷавоб кунед.

*– Бачаҳо, иди Соли навро кай ҷашн мегиранд? Ба фикри шумо, оро додани дастархон ё синф ба мо чӣ гуна таъсир мерасонад? Ба шумо хонаи зебо писанд аст?*

Ба хонандагон чунин саволҳоро дода, онҳоро ба зебоипарастӣ водор кунед.

**2. Омода намудани ашёи ороишӣ.** Бо хонандагон ашёи ороишӣ омода намоед. Ҳамаи бозичаҳои дар дарсҳои пешина омоданамудаи хонандагонро барои оро додани синф истифода баред. Агар миқдори ашёи ороишӣ кам бошанд, якҷоя ашёи ороишии зудомодашавандаро тайёр кунед.

Масалан:

1. Коғази рангаро дуқат кунед, дар он расми ҳалқачаро тасвир намоед ва бо қайчӣ буред (агар якчанд чунин коғази дуқатро ба болои якдигар монда, ҳалқачаро буред, якбора миқдори зиёди ҳалқачаҳоро ба даст меоред).

2. Ҳалқачаҳои тайёрро ба якдигар пӯшонед[15].

1. 
2. 

**3. Дастаҷамъона оро додани синф барои ҷашни Соли нав.** Якҷоя бо хонандагон синфро оро диҳед. Ҳамаи хонандагонро барои ороиши синф фаъол намоед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи Соли нав маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар коғаз ҳалқача тасвир карда метавонад? | | | |
| Ҳалқачаҳоро бурида, онҳоро бо ҳам пайваст карда метавонад? | | | |
| Ҳисси зебоипарастиашро дар оро додани синф нишон дода метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ҶАШНИ СОЛИ НАВ – 1 соат

**Барнома:** Суҳбат дар бораи ҷашни Соли нав. Суҳбат дар бораи арчаи солинавӣ. Саволу ҷавоб. Тарзи қадам ба қадам тасвир намудани арчаи солинавӣ. Кори мустақилона.

---

[15]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Тайёрии хонандагон ба Соли нав».

**Салоҳиятҳо:**

- якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи ҷашни Соли нав маълумот дода тавонад;
– дар бораи арчаи солинавӣ маълумот дода тавонад;
– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
– бо қалами одӣ қадам ба қадам арчаро тасвир карда тавонад;
– бозичаҳои гуногун эҷод карда, онҳоро тасвир карда тавонад;
– арчаро ранг карда тавонад;
– рангҳоро мувофиқи мақсад истифода бурда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, хаткӯркунак, қалами одӣ, қаламҳои ранга, фломастер, сурати арчаи солинавӣ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи ҷашни Соли нав. Суҳбат дар бораи арчаи солинавӣ.** Бо хонандагон дар бораи ҷашни Соли нав суҳбат кунед. Бо онҳо саволу ҷавоб намоед:

*– Бачаҳо, зеби ҷашни Соли нав чӣ аст? Ягон нафари шумо дар бораи арчаи солинавӣ ё Соли нав шеър медонед?*

Агар ягон хонанда хоҳиши шеър гуфтан кунад, имкон диҳед ва бодиққат гӯш кунед.

**2. Тарзи қадам ба қадам тасвир намудани арчаи солинавӣ.** Ба хонандагон қадам ба қадам тарзи тасвир намудани арчаи солинавиро дар тахтаи синф нишон диҳед.

Қадамҳо:

1. Бо қалами одӣ қолаби умумии арча (секунҷа ва чоркунҷа)-ро тасвир кунед.
2. Аз болои секунҷа шохчаҳои арчаро намоён кунед ва хатҳои зиёдатиро бо хаткӯркунак тоза кунед.
3. Арчаро оро диҳед ва дар болои он ситора тасвир намоед.
4. Арчаро пурра оро диҳед.
5. Арчаро бо қаламҳои ранга ва бозичаҳои онро бо фломастер ранг кунед.[16]

---

[16]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат, синфи 1, мавзӯи «Иди Соли нав».



**3. Кори мустақилона.** Тасвир ва ранг кардани арчаи солинавӣ.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи иди Соли нав маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи арчаи солинавӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо қалами одӣ қадам ба қадам арчаро тасвир карда метавонад? | | | |
| Бозичаҳои гуногун эҷод карда, онҳоро тасвир карда метавонад? | | | |
| Арчаро ранг карда метавонад? | | | |
| Рангҳоро мувофиқи мақсад истифода бурда метавонад? | | | |

**Мавзӯъ: Эҷодкорӣ – 2 соат**

**Барнома.** Суҳбат дар бораи зарурати табрикнома ва тухфа. Шиносоӣ бо тарзи омода намудани табрикномаи солинавӣ. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ карда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи зарурати табрикнома ва тухфа маълумот дода тавонад;

– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
– коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда тавонад;
– ба намуна такя карда, табрикномаро оро дода тавонад;
– қадамҳои фаъолиятро мустақилона иҷро карда тавонад;
– ба кори худ баҳо дода тавонад;
– ба намуна такя карда, маводди нав эҷод карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази ранга, ширеш, расми Бобои барфӣ, лентаи сурх, қайчӣ, чадвал, қалам, хаткӯркунак, муҳрачаҳои ранга.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи зарурати табрикнома, туҳфа ва идҳо.** Бо хонандагон дар бораи зарурати табрикнома ва туҳфа суҳбат намоед. Бо онҳо саволу ҷавоб кунед.

*– Бачаҳо, барои чӣ одамон ба якдигар туҳфа медиҳанд? Барои чӣ табрикнома медиҳанд? Шумо ягон маротиба туҳфа ё табрикнома гирифтаед? Ба фикри шумо вақте ки ба одам табрикнома медиҳанд, ӯ худро чӣ тавр ҳис мекунад?*

Ҷавобҳои хонандагонро якҷоя бо аҳли синф муҳокима намоед.

**2. Шиносоӣ ба тарзи омода намудани табрикномаи солинавӣ.** Бо хонандагон дар бораи табрикномаи солинавӣ суҳбат кунед.

*– Бачаҳо, ба фикри шумо табрикномаи солинавӣ  чӣ гуна бояд бошад? Табрикнома чӣ гуна расмҳоро дошта бошад? Биёед, як намунаи фаъолияти омода намудани табрикномаи солинавиро якҷоя иҷро мекунем.*

Қадам ба қадам тарзи иҷрои фаъолиятро нишон диҳед. Аҳамият диҳед, ки ҳамаи хонандагон қадами фаъолиятро иҷро кардаанд ва сипас ба қадами навбатӣ гузаред. Ба хонандагоне, ки дар иҷрои фаъолият душворӣ мекашанд, кумак расонед.[17]

**Қадамҳо:**

**1.**  **2.**  **3.**  **4.** 

**5.**  **6.**  **7.**  **8.** 

**9.**  **10.** 

**3. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба намуна такя карда, табрикнома эҷод кунанд.

**Вазифаи хонагӣ.** Аз тасаввуроти худ эҷод намудани табрикнома.

**Таҷҳизоти зарурӣ барои дарси оянда:** коғазҳои рангаи ғафс, қалами одӣ, хаткӯркунак, қайчӣ (дукорд, микроз).

---

[17]. Намунаҳо дар замима барои  китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Эҷодкорӣ».

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи зарурати табрикнома ва тухфа маълумот дода метавонад? | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, табрикномаро оро дода метавонад? | | | |
| Қадамҳои фаъолиятро мустақилона иҷро карда метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, маводди нав эҷод карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ТАЪТИЛИ ЗИМИСТОНА. МАНЗАРАИ ЗИМИСТОН – 2 соат

**Барнома:** Суҳбат дар бораи таътили зимистона. Нақл аз рӯйи мазмуни расм. Саволу ҷавоб. Суҳбат дар бораи пластилин. Тарзи тасвир намудан бо пластилин. Кори амалӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда,онҳорошарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
- ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми кор бо пластилин риоя карда тавонад;
- дар бораи таътили зимистона нақл карда тавонад;
- бо пластилин манзараи зимистонро тасвир карда тавонад;
- ҳангоми тасвир рангҳои пластилинро дуруст истифода бурда тавонад;
- пластилинро ба коғаз часпонда тавонад;
- кори амалиро мустақилона иҷро карда тавонад;
- манзараҳои навро эҷод карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғази рангаи сахт (картон), пластилин.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи таътили зимистона.** Бо хонандагон дар бораи таътили зимистона суҳбат намоед. Бо онҳо саволу ҷавоб кунед.

*– Бачаҳо, шумо ба таътили зимистона мебароед ва дар ин муддат ба мактаб намеоед. Таътили зимистонаатонро чӣ хел гузаронидан мехоҳед?*

**2. Нақл аз рӯйи мазмуни расм.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз рӯйи мазмуни расми дар китоббуда нақл эҷод кунанд.

**3. Тарзи тасвир намудан бо пластилин.** Ба хонандагон қадам ба қадам тарзи бо пластилин тасвир намуданро нишон диҳед.

*– Бачаҳо, ба фикри шумо бо пластилин ба ғайр аз сохтани ашё, боз кадом навъи фаъолиятро иҷро кардан мумкин аст? Ба фикри шумо бо пластилин манзара тасвир кардан мумкин аст? Албатта, мумкин аст. Биёед, якҷоя онро меомӯзем. Бо пластилин тасвир намудан ҳам, мисли бо қалам тасвир намудан мебошад. Яъне мо аввал ашёи калонро дар*

*ҳамворӣ тасвир менамоем (бо пластилин мечаспонем). Масалан, аввал кӯҳу заминро тасвир мекунем, баъд дарахту сангу буттаҳоро.*[18]



**4. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки мустақилона бо пластилин манзараи табиати зимистонро тасвир намоянд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми кор бо пластилин риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи таътили зимистона нақл карда метавонад? | | | |
| Бо пластилин манзараи зимистонро тасвир карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми тасвир рангҳои пластилинро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Пластилинро ба коғаз часпонда метавонад? | | | |
| Кори амалиро мустақилона иҷро карда метавонад? | | | |
| Манзараҳои навро эҷод карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: АППЛИКАТСИЯ – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон бо усули гулмонӣ (аппликатсия) шинос мешаванд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми истифодабарии ширеш ва қайчӣ (дукорд, миқроз) риоя карда тавонад;
– дар бораи усули гулмонӣ (аппликатсия) маълумот дода тавонад;
– коғазро баробар қат карда, дар як тарафи он нисфи гул ё коғазро тасвир карда тавонад;
– қолаби ашёи тасвиркардаашро аз коғаз бурида гирифта тавонад;
– ашёи буридаашро ба коғаз ширеш карда тавонад;

---

[18]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1-ум, мавзӯи «Таътили зимистона».

– аз тасаввураш ғояи навро эъҷод карда тавонад;

– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** қалами одӣ, хаткӯркунак, қайчӣ, коғази ранга, ширеш, фломастер.

**Равиши дарс:**

**1.Суҳбат дар бораи усули гулмонӣ (аппликатсия).** Бо хонандагон дар бораи баргҳои усули гулмонӣ (аппликатсия) суҳбат ва саволу ҷавоб кунед:

*– Бачаҳо, ба фикри шумо гулмонӣ ё худ аппликатсия гуфта, чиро мегӯянд? Оё мо дар дарсҳои гузашта аз ин усул истифода мебурдем? Фарқи гулмонӣ аз тасвир кардан бо қалам дар чист?.*

Ҷавобҳои хонандагонро якҷоя муҳокима карда, дар охир илова кунед:

*– Усули гулмонӣ (аппликатсия)-ро ба тамоми навъи маснуот истифода бурдан мумкин аст. Асосан, усули гулмонӣ буридани ашё ва часпонидани он мебошад. Дар усули гулмонӣ аз тамоми навъи маснуот истифода бурдан мумкин аст, масалан, матоъ, коғаз, санг, чӯб, пашм ва ғайра. Мо имрӯз бо шумо аз коғаз гулмонӣ мекунем.*

**2. Гулмонӣ.** Дар назди тахтаи синф истода, ба хонандагон усули гулмониро қадам ба қадам нишон диҳед.[19]

1. Коғазро аз байнаш дуқат кунед.
2. Аз як тарафи коғаз нисфи барг ё гулро тасвир намоед ва онро бо қайчӣ (дукорд, миқроз) бурида гиред.
3. Коғазро кушоед, барг ё гул омода шуд.
4. Барг, ё гули омодашударо дар коғази рангаш фарққунанда ширеш кунед.

**Эзоҳ:** Агар дар қадами аввал коғазро якчанд бор қат карда, сипас дар он барг ё гулро тасвир намуда, бурида гиред, шумо якбора якчанд барг ё гулро ба даст меоред.

**4.Кори амалӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба намунаҳо нигоҳ карда, бо коғаз гулмонӣ кунанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ ҳангоми истифодабарии ширеш ва қайчӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи усули гулмонӣ (аппликатсия) маълумот дода метавонад? | | | |
| Коғазро баробар қат карда, дар як тарафи он нисфи гул ё коғазро тасвир карда метавонад? | | | |
| Қолаби ашёи тасвиркардаашро аз коғаз бурида гирифта метавонад? | | | |
| Ашёи буридаашро ба коғаз ширеш карда метавонад? | | | |
| Аз тасаввураш ғояи навро эъҷод карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: МУШОҲИДА ДАР ҲАВОИ КУШОД – 1 соат

**Барнома.** Дар ин дарс қобилияти мушоҳидакории хонандагон рушд дода мешавад. Хонандагон мушоҳида намудани муҳити атрофи худ ва тасвир кардани онро меомӯзанд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;

[19]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Аппликатсия».

– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя кунанд;
– дар бораи дарахтон маълумоти сода дода тавонад;
– аҳамияти дарахтонро дарк карда, онро фаҳмонда тавонад;
– қисмҳои асосии дарахтонро номбар карда тавонад;
– қадам ба қадам дарахтони шаклан содаро тасвир карда, онҳоро ранг карда тавонад;
– қисмҳои дарахтонро бо таносуби дуруст тасвир карда таонад;
– дарахтонро аз рӯйи шаклашон монанд ва фарқ карда тавонад;
– олами атрофашро мушоҳида карда, аз тасаввуроти худ дарахт ё ягон ашёи дигарро тасвир карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, қаламҳои ранга.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи мушоҳидаи дарахтон.** Бо хонандагон дар бораи дарахтон суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Кадом навъи дарахтонро медонед? Оё ҳамаи дарахтон мевадиҳандаанд? Оё аз дарахтони бемева ягон фоидае ҳаст? Бачаҳо, ба фикри шумо, агар дарахтон намебуданд, чӣ мешуд? Дарахтон аз кадом қисмҳо иборатанд?*

Ҷавобҳои хонандагонро муҳокима кунед, фаъолона ҷавоб доданашонро арзёбӣ намоед. Ақидаҳои кӯдаконро рад накунед, нодуруст нагӯед, балки аз дигар хонандагон хоҳиш намоед, ки илова кунанд. Ҷавобҳои хонандагонро муҳокима намуда, худатон каме маълумот диҳед.

*– Бачаҳо, дарахтон гуногун мешаванд. Баъзе дарахтон мева медиҳанд, баъзеҳояшон не, вале ҳамаи дарахтон ба мо фоидаи зиёд меоранд. Дарахтон ҳавои табиатро тоза ва заминро соя мекунанд, аз чӯби дарахтон ҷиҳози хонаҳоро месозанд, ҳамчун ҳезум истифода мебаранд ва ғайра. Дарахтон зеби табиат мебошанд.*

**2. Тарзи қадам ба қадам тасвир намудани дарахт.** Ба хонандагон савол диҳед:

*– Бачаҳо, вақте ки шумо дарахтонро мушоҳида мекунед, онҳо асосан аз кадом қисмҳо иборатанд?*

Ҷавобҳои ҳамаи хонандагонро гӯш кунед. Агар ҷавобҳо пурра набошанд, илова кунед:

*–Бачаҳо, ҳамаи дарахтон аз се қисми асосӣ: тана, шохаву навдаҳо; баргу меваҳо иборатанд. Акнун, биёед, қадам ба қадам дарахтро аввал бо қалами одӣ тасвир менамоем.*






**3. Кори амалӣ. Тасвири дарахт.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки мустақилона дар дафтари расмашон дарахтро тасвир намоянд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя мекунад? | | | |
| Дар бораи дарахтон маълумоте дода метавонад? | | | |
| Аҳамияти дарахтонро дарк карда, онро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Қисмҳои асосии дарахтонро номбар карда метавонад? | | | |
| Қадам ба қадам дарахтони шаклан содаро тасвир карда, онро ранг карда метавонад? | | | |
| Қисмҳои дарахтонро бо таносуби дуруст тасвир карда, онро ранг карда метавонад? | | | |
| Дарахтонро аз рӯйи шаклашон монанд ва фарқ карда метавонад? | | | |
| Олами атрофашро мушоҳида карда, аз тасаввуроти худ дарахт ё ягон ашёи дигарро тасвир карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

### Мавзӯъ: СОХТАНИ ШАКЛИ БОЗИЧАҲОИ ТОҶИКӢ – 1 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон тарзи сохтани бозичаҳои тоҷикиро меомӯзанд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи бозичаҳои тоҷикӣ маълумот дода тавонад;
– бо пластилин ва маснуоти табиӣ бозичаҳои шаклан сода эҷод карда тавонад;
– бозичаро оро дода тавонад;
– аз тасаввуроти худ бозичаи нав эҷод карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** пластилин, кордча ва тахтачаи махсус барои пластилин, чӯбчаҳо, риштаҳои ранга, тугма, пораҳои матоъ.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи бозичаҳои тоҷикӣ.** Бо хонандагон дар бораи бозичаҳои тоҷикӣ суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо, кадом навъи бозичаҳои тоҷикиро медонед? Оё шумо медонед, ки бибӣ ва бобоҳои шумо дар хурдиашон бо кадом бозичаҳо бозӣ мекарданд? Шумо бозичаҳои худсохт доред?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бозичаҳои тоҷикӣ маълумот диҳед.

*– Имрӯзҳо дар бозору мағозаҳо тамоми навъи бозичаҳо ҳастанд, вале дар замонҳои қадим ин хел шароит набуд. Аз ин рӯ, одамон худашон аз чӯб, пахта, гил ва ҳар гуна маснуоти табиӣ бозича месохтанд. Яке аз ҳамин гуна бозичаҳои маъмули тоҷикӣ лӯхтаки чӯбин мебошад.*

**2.3. Методикаи сохтани лӯхтаки чӯбин.** Қадам ба қадам сохтани лӯхтаки чӯбинро нишон диҳед.[20]

Қадамҳо:

1) ду чӯбча (яктоаш нисбат ба дигараш дарозтар)-и хушкро гиред;

2) як чӯбчаро ба болои дигараш монда, бо ришта онро печонда, мустаҳкам намоед (шаклан ба аломати + монанд шавад);

3) ба қисми болоии он тугмаро бо риштаҳои ранга печонда, мустаҳкам кунед;

4) аз як пора матоъ куртача омода намоед;



1. 2. 3. 4.

**3. Кори мустақилона:** аз тасаввуроти худ сохтани бозича.

**Вазифаи хонагӣ.** Тасвири бозичаҳои тоҷикӣ.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи бозичаҳои тоҷикӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Бо пластилин ва маснуоти табиӣ бозичаҳои шаклан сода сохта метавонад? | | | |
| Бозичаро оро дода метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ бозичаи нав эҷод карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

[20]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Сохтани шакли бозичаҳои тоҷикӣ».

## Мавзӯъ: ҚАҲРАМОНҲОИ ДӮСТДОШТАИ МАН – 2 соат

**Барнома:** Дар ин дарс қобилияти дарки мазмуни матни хондашуда, инчунин, эҷодиёти хаёлии хонанда рушд дода мешавад. Дар ин дарс хонандагон қаҳрамонҳои афсонаҳои пештар хондаашонро аз хаёли худ тасвир менамоянд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;

– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;

– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;

– мафҳуми қаҳрамони афсонавиро дарк карда, онро фаҳмонда тавонад;

– мазмуни афсонаро дарк карда, нақл карда тавонад;

– аз рӯйи мазмуни афсона қаҳрамони афсонавиро тасвир намуда, шакли онро сохта тавонад;

– дар гурӯҳ кор карда тавонад;

– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, қаламҳои ранга.

**Равиши дарс:**

**1. Қаҳрамонҳои афсонавӣ.** Бо хонандагон дар бораи қаҳрамонҳои афсонавӣ суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо, ба фикри шумо қаҳрамони афсонавӣ гуфта, киро мегӯянд? Шумо қаҳрамонҳои дӯстдошта доред? Барои чӣ ин қаҳрамон ба шумо писанд аст? Оё дар афсона ҳамаи каҳрамонҳо рафтори мусбат доранд? Оё қаҳрамонҳои манфӣ ҳам мешаванд?*

Ақидаҳои хонандагонро бодиққат гӯш карда, якҷоя бо кӯдакон муҳокима кунед. Сипас худатон дар бораи кӣ будани қаҳрамони афсонавӣ маълумот диҳед.

**2. Кори амалӣ.** Хонандагонро ба се гурӯҳ тақсим кунед. Ҳар як гурӯҳ ба худаш яктоӣ афсона интихоб кунад. Фақат бояд афсонаҳо гуногун бошанд. Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки аз рӯйи мазмуни афсона қаҳрамонҳои онро тасвир намоянд ва шаклашонро бо пластилин созанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Мафҳуми қаҳрамони афсонавиро дарк карда, онро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Мазмуни афсонаро дарк карда, нақл карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи мазмуни афсона қаҳрамони афсонавиро тасвир намуда, шакли онро сохта метавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ТЕАТРИ ЛӮХТАК – 2 соат

**Барнома:** Дар ин дарс хонандагон дар бораи театри лӯхтак маълумот мегиранд. Инчунин, онҳо бо методикаи сохтани лӯхтак барои театр шинос мешаванд. Хонандагон бо фаъолияти театри лӯхтак ошноӣ пайдо мекунанд.

**Салоҳиятҳо:**
– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
**Мақсади дарс:**
– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
–дар бораи театри лӯхтак маълумот дода тавонад;
– моҳияти театри лӯхтакро дарк карда, онро ба таври хеле сода шарҳ дода тавонад;
– қадамҳои намунаро иҷро карда тавонад;
– аз тасаввуроти худ лӯхтак барои театр сохта тавонад;
– бо лӯхтаки худ нақш офарида тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.
**Таҷҳизоти зарурӣ:** ҷӯроб, картон, тугмачаҳо, фломастер, қоғази ранга.
**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи театри лӯхтак.** Бо хонандагон дар бораи театри лӯхтак саволу ҷавоб ва суҳбат намоед.

Ангезиши зеҳн:

*– Бачаҳо, кӣ медонад театри лӯхтак чист? Дар театри лӯхтак одамон бо чӣ кор машғуланд? Шумо боре ба театри лӯхтак рафтаед? Шумо боре дар хонаатон театри лӯхтак омода кардаед? Барои чӣ одамон ба театри лӯхтак мераванд? Филми тасвирӣ магар хубтар нест?*

Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, якҷоя бо онҳо муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи театри лӯхтак маълумот диҳед.

**2. Методикаи омода намудани лӯхтак барои театр.**

*– Лӯхтакҳоро барои театр бо усулҳои хеле гуногун сохтан мумкин аст. Имрӯз мо яке аз ҳамин усулҳоро якҷоя меомӯзем.*[21]

Дар назди тахтаи синф истода, қадамҳои фаъолиятро нишон диҳед. Баъди ҳар як қадами фаъолият дар байни қаторҳо гашта, нигоҳ кунед, ки оё ҳама аз уҳдаи кор мебароянд ё не. Ба онҳое, ки душворӣ мекашанд ё худатон кумак расонед, ё хонандагони нисбатан фаъолтарро вобаста кунед. Қадамҳои фаъолият дар замима ба китоби дарсӣ оварда шудааст.

**Қадамҳо:**
1. Аз картон шакли давраи дарозрӯяро бурида гиред. Аз байнаш дуқат кунед.
2.Ҷуробро ба тарафи дарун чаппа карда, дар рӯйи миз ҳамвор кунед.
3. Ба тарафи даруни картони дуқатшуда ширеш молед ва нӯги ҷӯробро ба он андохта, ширеш кунед. Каме интизор шавед, то ширеши он хушк шуда, мустаҳкам гардад.
4. Ҷуробро ба ҳолати пештарааш чаппа кунед. Бояд нӯги ҷӯроб мисли даҳони табассум кардаистода шавад.
5. Ба он бинӣ, чашм ва гӯш ширеш кунед. Лӯхтаки театр омода шуд.




[21]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Театри лӯхтак».

**Кори мустақилона:** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба намуна нигоҳ карда, мустақилона лӯхтак барои театр омода намоянд ва бо лӯхтаки худ нақш эҷод кунанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи театри лӯхтак маълумот дода метавонад? | | | |
| Моҳияти театри лӯхтакро дарк карда, онро ба таври хеле сода шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қадамҳои намунаро иҷро карда метавонад? | | | |
| Аз тасаввуроти худ лӯхтак барои театр сохта метавонад? | | | |
| Бо лӯхтаки худ нақш офарида метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: Аломатҳои роҳ – 2 соат

**Барнома:** Дар ин дарс хонандагон дар бораи аломатҳои роҳ ва зарурати он маълумот мегиранд. Онҳо тарзи тасвир намудани аломатҳои роҳ ва сохтани лавҳачаи онро меомӯзанд. Инчунин, хонандагон тарзи дар гурӯҳ якҷоя кор карданро ёд мегиранд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи зарурати аломатҳои роҳ маълумот дода тавонад;
– маънои баъзе аломатҳои роҳро шарҳ дода тавонад;
– аломатҳои роҳро тасвир карда тавонад;
– аломатҳои роҳро бурида, лавҳача сохта тавонад;
– дар гурӯҳ кор карда тавонад;
– кори худро муаррифӣ карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғазҳои сафед, қалами одӣ, хаткӯркунак, фломастер, қайчӣ (дукорд, микроз), ширеш, картон, чӯбчаи борик (дандонковак), сарпӯшаки пластикии қуттиҳои обнӯшӣ (агар набошад, қуттии гӯгирд ё пластилинро низ истифода бурдан мумкин аст).

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи аломатҳои роҳ.** Бо хонандагон дар бораи аломатҳои роҳ ва зарурати онҳо саволу ҷавоб ва суҳбат кунед.

Ангезиши зеҳн:

*– Бачаҳо, кӣ медонад, аломатҳои роҳ гуфта, мо чиро дар назар дорем? Шумо кадом аломатҳои роҳро медонед? Бо кадом аломати роҳ шумо бештар вомехӯред? Оё шумо ба ин аломатҳо риоя мекунед? Барои чӣ аломатҳои роҳ ҳастанд? Агар ин аломатҳо набошанд, чӣ мешавад?*

Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, якҷоя бо онҳо муҳокима намоед ва дар охир худатон дар бораи аломатҳои роҳ ва зарурати онҳо маълумот диҳед. Маънои баъзе аломатҳои роҳро фаҳмонед.

**2. Методикаи омода намудани лавҳача бо аломати роҳ.**

Дар назди тахтаи синф истода, тарзи сохтани лавҳачаи аломати роҳро нишон диҳед. Қадамҳои фаъолият дар замима ба китоби дарсӣ оварда шудааст.[22]

**Қадамҳо:**

1. Дар коғази сафед аломати роҳро тасвир ва ранг кунед.
2. Аломати тайёршударо бурида, ба картон ширеш кунед. Шакли картонро ҳам мисли шакли умумии аломат буред.
3. Чӯбчаи борик (дандонковак)-ро аз пушти картон ширеш кунед.
4. Чӯбчаро ба сарпушаки пластикӣ ё пластилин мустаҳкам кунед, то он дар ҳамворӣ рост истад. Лавҳача бо аломати роҳ омода шуд.





**Кори амалӣ:** Хонандагонро ба чор гурӯҳ чудо кунед. Ҳар як гурӯҳ бояд ду аломати роҳро тасвир намуда, лавҳачаи онро созад. Баъди ба итмом расонидани супориш гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ намоянд. Ҳангоми муаррифӣ маънои аломатҳои гурӯҳи худро фаҳмонанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи зарурати аломатҳои роҳ маълумот дода метавонад? | | | |
| Маънои баъзе аломатҳои роҳро шарҳ дода метавонад? | | | |

[22]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Алматҳои роҳ».

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аломатҳои роҳро тасвир карда метавонад? | | | |
| Аломатҳои роҳро бурида, лавҳача сохта метавонад? | | | |
| Дар гурӯҳ кор карда метавонад? | | | |
| Кори худро муаррифӣ карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ДУШАНБЕ – ПОЙТАХТИ ТОҶИКИСТОН – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс тасаввуроти хонандагон ташаккул дода мешавад. Хонандагон аз тасаввуроти худ шаҳри Душанберо тасвир менамоянд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;

– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;

– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;

– воситаҳои санъати тасвирӣ (қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ ва ғ.)-ро истифода бурда тавонад;

– дар бораи шаҳри Душанбе маълумоти кӯтоҳ дода тавонад;

– шаҳри Душанбе ва Ватани худро дӯст дошта, расми онро бо характери мусбат тасвир карда тавонад;

– шаҳри Душанберо аз тасаввуроти худ тасвир карда тавонад;

– кори худро муаррифӣ карда тавонад;

– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ (акварел), зарф барои об.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи шаҳри Душанбе.** Бо хонандагон дар бораи шаҳри Душанбе суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо, кӣ медонад, шаҳри Душанбе пойтахти кадом давлат аст? Кадом ҷойҳои ҷолиби шаҳри Душанберо дидаед? Кадом ҷойҳои таърихии шаҳри Душанберо медонед? Оё шумо осорхонаҳои шаҳри Душанберо тамошо кардаед?.*

Бо хонандагон суҳбат намуда, каме дар бораи шаҳри Душанбе маълумот диҳед.

*– Шаҳри Душанбе пойтахти Тоҷикистон мебошад. Душанбе шаҳри зебоаст. Дар Душанбе осорхонаҳо, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ бисёр мебошад. Дар шаҳри Душанбе ҳайкали калонтарин ҳайкали Исмоили Сомонӣ аст. Ғайр аз ин, дар шаҳри Душанбе парчами калонтарини Тоҷикистон мавҷуд аст.*

**3. Кори амалӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки мустақилона дар дафтари расмашон аз тасаввуроти худ шаҳри Душанберо тасвир намоянд. Ҳангоми арзёбӣ намудани кори хонандагон ба қобилияти эҷодии онҳо бештар диққат диҳед, на ба маҳорати рассомии онҳо.



**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя мекунад? | | | |
| Воситаҳои санъати тасвирӣ (қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ ва ғ.)-ро истифода бурда метавонад? | | | |
| Дар бораи шаҳри Душанбе маълумоти кӯтоҳ дода метавонад? | | | |
| Шаҳри Душанбе ва Ватани худро дӯст дошта, расми онро тасвир карда метавонад? | | | |
| Душанберо аз тасаввуроти худ тасвир карда метавонад? | | | |
| Кори худро муаррифӣ карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ТУҲФА БА АСКАРОН – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон дар бораи ҷашни Артиши миллӣ маълумот мегиранд. Хонандагон моҳияти табрикнома ва табрик карданро мефаҳманд. Инчунин, онҳо тарзи омода намудани табрикномаро меомӯзанд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле одӣ арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи иди Артиши миллӣ маълумоти кӯтоҳ дода тавонад;
– дар бораи зарурати табрикнома ва туҳфа маълумот дода тавонад;
– коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда тавонад;
– ба намуна такя карда, табрикномаро омода карда тавонад;
– табрикномаро аз тасаввуроти худ оро дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ (акварел), зарф барои об.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи ҷашни 23-юми феврал.** Бо хонандагон дар бораи иди 23-юми феврал – Рӯзи Артиши миллии Тоҷикистон суҳбат ва саволу ҷавоб кунед.

*– Барои чӣ ин рӯзро мо ҷашн мегирем? Барои чӣ мо дар ин рӯз мардҳоро табрик мекунем? Шумо бобову падар ва databородаронатонро дар ин рӯз табрик мекунед? Чӣ хел табрик мекунед? Ба фикри шумо, агар ба онҳо табрикномаи худсохт туҳфа намоед, хурсанд мешаванд?*

Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, якҷоя бо онҳо муҳокима намоед ва дар охир худатон дар бораи аломатҳои роҳ ва зарурати онҳо маълумот диҳед.

**2. Тарзи сохтани табрикнома барои ҷашни Артиши миллӣ.** Бо хонандагон қадам ба қадам табрикнома омода кунед.

*– Бачаҳо, дар дарсҳои гузашта мо тарзи сохтани табрикномаро барои иди Соли нав омӯхта будем. Тарзи сохтани табрикномаро шумо аллакай медонед. Имрӯз мо барои ҷашни Артиши миллӣ табрикнома месозем.*[23]

**Намунаи табрикнома барои ҷашни 23-юми феврал:**



Дар дохили чунин табрикнома суханони табрикӣ навиштан мумкин аст.

**3. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба намуна такя карда, худашон мустақилона табрикнома созанд. Диққати асосиро ба эҷодкории хонандагон равона намоед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҷашни Артиши миллӣ маълумоти сода дода метавонад? | | | |
| Дар бораи зарурати табрикнома ва туҳфа маълумот дода метавонад? | | | |
| Коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, табрикномаро омода карда метавонад? | | | |
| Табрикномаро аз тасаввуроти худ оро дода метавонад? | | | |

[23]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Туҳфа ба аскарон».

## Мавзӯъ: ВАТАНАМ ТОҶИКИСТОН – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс тахайюлоти хонандагон ташаккул дода мешавад. Хонандагон Тоҷикистонро дар оянда тасаввур карда, аз хаёли худ онро тасвир менамоянд. Инчунин, хонандагон бо мафҳуми “Ватан” ошноӣ пайдо мекунанд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– воситаҳои санъати тасвирӣ (қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ ва ғ.)-ро истифода бурда тавонад;
– дар бораи Ватан маълумоти сода дода тавонад;
– Тоҷикистонро дар оянда тасаввур карда, аз хаёли худ онро тасвир карда тавонад;
– мазмуни расми тасвиркардаашро фаҳмонда тавонад;
– кори худро муаррифӣ карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ (акварел), зарф барои об.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи Ватан.** Бо хонандагон дар бораи шаҳри Душанбе суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо, кӣ медонад, ки Ватан чист? Ватани мо куҷост? Ба фикри шумо, хона ва деҳаи худро ҳам Ватан гуфтан мумкин аст? Ягон кас дар бораи Ватан шеър гуфтан мехоҳад?*

Бо хонандагон суҳбат намуда, мафҳуми Ватанро шарҳ диҳед.

Ватан сар мешавад аз гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар,
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар.
Ватан беҳбудию беҳрӯзии мост,
Ватан хушномию фирӯзии мост.
Лоиқ Шералӣ

**2. Кори амалӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки мустақилона дар дафтари расмашон Тоҷикистонро дар оянда тасвир карда, онро шарҳ ва муаррифӣ намоянд. Ҳангоми арзёбӣ намудани кори хонандагон ба қобилияти эҷодии онҳо ва мазмуни расм бештар диққат диҳед, на ба маҳорати рассомӣ.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Воситаҳои санъати тасвирӣ (қалами одӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ ва ғ.)-ро истифода бурда метавонад? | | | |
| Дар бораи Ватан маълумоти сода дода метавонад? | | | |
| Тоҷикистонро дар оянда тасаввур карда, аз тасаввуроташ онро тасвир карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мазмуни расми тасвиркардаашро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Кори худро муаррифӣ карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

**Мавзӯъ: Туҳфаи идона барои модарон – 2 соат**

**Барнома:** Суҳбат дар бораи ҷашни Рӯзи Модар. Тарзи қадам ба қадам омода намудани табрикнома барои модаркалон, модар ва хоҳарон. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи ҷашни Рӯзи Модар маълумот дода тавонад;
– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
– коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда тавонад;
– ба намуна такя карда, табрикномаро оро дода тавонад;
– қадамҳои фаъолиятро мустақилона иҷро карда тавонад;
– ба кори худ ва ҳамсинфонаш баҳо дода тавонад;
– ба намуна такя карда, табрикномаи нав эҷод карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғазҳои ранга, ширеш, қайчӣ (дукорд, миқроз), ҷадвал, қалам, хаткӯркунак, ашёи иловагии ороишӣ.

**Равиши дарс :**

**1. Суҳбат дар бораи ҷашни Рӯзи Модар.** Бо хонандагон дар бораи ҷашни Рӯзи Модар суҳбат ва саволу ҷавоб кунед.

*– Барои чӣ ин рӯзро мо ҷашн мегирем? Барои чӣ модарро ҳурмат ва қадр кардан лозим аст? Барои чӣ дар ин рӯз мо ҳамаи занҳоро табрик мекунем?*

**2. Тарзи сохтани табрикнома барои ҷашни Рӯзи Модар.** Бо хонандагон якҷоя қадам ба қадам табрикнома омода намоед.

*– Бачаҳо, мо дар дарсҳои гузашта тарзи сохтани табрикномаро барои ҷашни Артиши миллӣ омӯхта будем. Имрӯз тарзи сохтани табрикномаро барои ҷашни Рӯзи Модар меомӯзем. Иди Модар дар аввали баҳор ҷашн гирифта мешавад, бинобар ин мо табрикномаамонро чун фасли баҳор зебо оро медиҳем. Табрикномаро бо гулҳои гуногуни баҳорӣ оро дода, дар табрикнома суханони табрикӣ навиштан мумкин аст.*


1.

2.

3.


4.  5.  6.  7. 

8.  9.  10.  11. 

**3. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба намуна такя карда, худашон мустақилона табрикнома созанд. Диққати асосиро ба эҷодкории хонандагон равона кунед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҷашни Рӯзи Модар маълумот дода метавонад? | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, табрикномаро оро дода метавонад | | | |
| Қадамҳои фаъолиятро мустақилона ичро карда метавонад? | | | |
| Ба кори худ ва ҳамсинфонаш баҳо дода метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, табрикномаи нав эҷод карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: БАҲОРИ ТОҶИКИСТОН – 2 соат

**Барнома:** Суҳбат дар бораи рангҳои баҳор ва баҳори Тоҷикистон. Тасвири манзараи баҳор.

**Салоҳиятҳо:**
– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ карда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;

– дар бораи фасли баҳор маълумот дода тавонад;
– зебоии фасли баҳорро дарк карда, онро шарҳ дода тавонад;
– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
– аз коғаз гулҳоро бурида, онро ширеш карда тавонад;
– аз рӯйи намунаҳо манзараи баҳорро гулмонӣ карда тавонад;
– манзараҳои навро эҷодкорона гулмонӣ карда тавонад;
– мазмуни тасвири худро муаррифӣ карда тавонад;
– ба кори худ ва ҳамсинфонаш баҳо дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** дафтари расм, қалами одӣ, хаткӯркунак, мӯқалам, ранги обӣ, зарф барои об.

**Равиши дарс:**

**Суҳбат дар бораи фасли баҳор.** Бо хонандагон дар бораи фасли баҳор ва баҳори Тоҷикистон суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

– *Бачаҳо, фасли баҳор баъди кадом фасл меояд? Дар фасли баҳор табиат чӣ гуна мешавад? Дар фасли баҳор бештар кадом рангҳоро дидан мумкин аст? Дар фасли баҳор Тоҷикистон чӣ гуна мешавад? Ягон нафар дар бораи фасли баҳор шеър гуфтан мехоҳад?*

Бо хонандагон якҷоя ҷавобҳои онҳоро муҳокима кунед. Дар охир дар бораи фасли баҳор ва табиати Тоҷикистон маълумот диҳед.

Рӯйи замин шуълабор,
Авҷи ҳаво беғубор,
Боз кушояд канор
Дар Ватани мо баҳор!

**Гулмонӣ намудани манзараи баҳор:** Ба хонандагон тарзи қадам ба қадам гулмонӣ намудани манзараи баҳорро нишон диҳед.[24]

Қадамҳо:
1. Коғазро қат кунед, дар як паҳлуи он гул, барг ё алафро тасвир кунед;
2. Шакли тасвиркардаатонро бурида гиред;
3. Коғазро кушоед ва ба дафтари расм ё ягон коғази дигар ширеш кунед;
4. Аз тасаввуроти худ гул ва баргу алафҳои гуногунро аз коғаз бурида, манзараи баҳорро бо усули гулмонӣ (аппликатсия) омода кунед.

**1.** 
**2.** 
3. 
4. 

[24]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Баҳори Тоҷикистон».




**Кори мустақилона:** Гулмонӣ намудани манзараи баҳор. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз рӯйи тасаввуроташон манзараи баҳорро монанд.

**Эзоҳ:** Ҳангоми фаъолияти хонандагон кӯшиш намоед, ки диққати асосиро ба тарзи дуруст мондани манзара равона накунед, балки ба эҷодкорӣ ва самимона фаъолият намудани хонандагон диққат диҳед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи фасли баҳор маълумот дода метавонад? | | | |
| Зебоии фасли баҳорро дарк карда, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Аз коғаз гулҳоро бурида, онҳоро ширеш карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи намунаҳо манзараи баҳорро гулмонӣ карда метавонад? | | | |
| Манзараҳои навро эҷодкорона гулмонӣ карда метавонад? | | | |
| Мазмуни тасвири худро муаррифӣ карда метавонад? | | | |
| Ба кори худ ва ҳамсинфонаш баҳо дода метавонад? | | | |

**Мавзӯъ: СОХТАНИ ГУЛИ ЛОЛА – 2 соат**

**Барнома:** Дар ин дарс қобилияти ҳисси зебоипарастии хонандагон инкишоф дода мешавад. Хонандагон тарзи тасвир ва сохтани гули лоларо меомӯзанд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;

– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;

– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;

– дар бораи гулҳо ва гули лола маълумот дода тавонад;

– қадамҳои намунаро иҷро карда тавонад;

– гули лоларо тасвир карда, сохта тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғазҳои ранга (сурх ва сабз), қайчӣ, ширеш.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи гулҳо ва гули лола.** Бо хонандагон дар бораи гулҳо ва гули лола суҳбат намоед .

*– Бачаҳо, шумо гулҳоро дӯст медоред? Кадом гулҳо ба шумо писанданд? Шумо дар хонаатон гул парвариш мекунед? Оё шумо гули лоларо дидаед? Гули лола дар кадом фасл мешукуфад? Гули лола одатан дар куҷо мерӯяд?*

**2. Методикаи сохтани гули лола.** Дар назди тахтаи синф истода тарзи сохтани гули лоларо нишон диҳед. Дар байни қаторҳо гашта, кори хонандагонро мушоҳида кунед. Агар ягон хонанда мушкилӣ кашад ба вай кумак расонед.[25]



[25]. Намунаҳо дар замима ба китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Сохтани гули лола».



**3. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки гули лоларо тасвир намоянд.



**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи гулҳо ва гули лола маълумот дода метавонад? | | | |
| Қадамҳои намунаро иҷро карда метавонад? | | | |
| Гули лоларо тасвир карда, сохта метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ – 2 соат

**Барнома:** Суҳбат дар бораи ҷашни Наврӯз. Суҳбат дар бораи гулҳои баҳорӣ. Шиносоӣ бо тарзи сохтани гулчанбар. Кори мустақилона.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи ҷашни Наврӯзи оламафрӯз маълумот дода тавонад;
– зебоии ҷашни Наврӯзро дарк карда, онро шарҳ дода тавонад;
– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
– аз рӯйи намуна мустақилона фаъолиятро иҷро карда тавонад;
– аз рӯйи тасаввурот ва хаёли худ гулчанбар сохта тавонад;
– натиҷаи кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад;
– ба кори худ ва ҳамсинфонаш баҳо дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** гулҳои навдаашон нисбатан борик ва дароз (масалан, гули қоқу).

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи фасли баҳор.** Бо хонандагон дар бораи ҷашни Наврӯз суҳбат ва саволу ҷавоб намоед.

*– Бачаҳо, иди Наврӯзро кай ҷашн мегиранд? Дар ҷашни Наврӯз кадом хели бозиҳоро мегузаронанд? Дар хона ва маҳаллаи шумо Наврӯзро чӣ гуна ҷашн мегиранд ва ғайра.*

Бо хонандагон якҷоя ҷавобҳои онҳоро муҳокима кунед. Дар охир дар бораи ҷашни бостонии Наврӯз каме маълумот диҳед.

**2. Суҳбат дар бораи гулҳои баҳорӣ.** Бо хонандагон дар бораи гулҳои баҳорӣ ва зебоии онҳо суҳбат намоед.

*– Бачаҳо, мо дар дарсҳои гузашта бо шумо тарзи сохтани гулҳоро аз коғаз омӯхта будем. Ба фикри шумо аз гулҳои зиндаи баҳорӣ чизе омода кардан мумкин аст? Чиҳо? Албатта, мумкин аст, масалан, барои базми наврӯзӣ гулчанбарҳои зебои баҳорӣ омода намудан мумкин аст.*[26]

[26]. Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1, мавзӯи «Наврӯзи дилафрӯз».







**Кори мустақилона:** Сохтани гулчанбар
**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҷашни Наврӯз маълумот дода метавонад? | | | |
| Зебоии ҷашни Наврӯзро дарк карда, онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Аз рӯйи намуна мустақилона фаъолиятро иҷро карда метавонад? | | | |
| Аз рӯйи тасаввурот ва хаёли худ гулчанбар сохта метавонад? | | | |
| Натиҷаи кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |
| Ба кори худ ва ҳамсинфонаш баҳо дода метавонад? | | | |

### Мавзӯъ: ФАСЛИ БАҲОР – МАВСИМИ КОР – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон дар бораи фасли баҳор ва корҳои ин фасл маълумот гирифта, бо тарзи тасвир ва сохтани бел шинос мешаванд.

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад;

– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;

– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда тавонад;

– қайчӣ (дукорд, миқроз), қалам, ширеш ҷадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда тавонад;

–манфиати корҳои мавсими баҳорро дарк карда, онро фаҳмонда тавонад;

– ба намуна нигоҳ карда, қадамҳои фаъолиятро иҷро карда тавонад;

– ба намуна нигоҳ карда, чизи нав эҷод карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** коғаз, ширеш, қайчӣ, қалами одӣ, хаткӯркунак, чӯбча.

**Равиши дарс:**

**1. Суҳбат дар бораи кори деҳқонон дар фасли баҳор.** Бо хонандагон дар бораи кори деҳқонон дар фасли баҳор суҳбат намоед:

*– Бачаҳо, ба фикри шумо дар фасли баҳор деҳқонон бо чӣ кор машғул мешаванд? Ба фикри шумо, агар деҳқонон дар фасли баҳор кор накунанд, чӣ мешавад? Шумо боре ниҳол шинондаед?*

Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир худатон дар бораи кори деҳқон ва фоидаи он маълумот диҳед.

**7. Методикаи сохтани белча.** Қадам ба қадам тарзи сохтани белчаро нишон диҳед.[27]

**Қадамҳо:**

**1.** Чӯбча ва коғазҳоро омода кунед. Аз қоғази рангаи сурх шакли белро тасвир намуда, онро бурида гиред. Аз коғази сафед баробари чӯбча шакли лӯламонанд (қубуршакл)-ро омода намоед.

**2.** Болои чӯбчаро бо ширеш молед ва коғази сафедро аз болояш пӯшонед.

**3.** Коғази сурхро ба чӯбча аз болои коғази сафед ширеш кунед

**4.** Коғази сурхи дуюмро аз тарфи муқобили он ширеш кунед, то чӯбча намоён нашавад. Белча омода шуд.



1.



2.

---

[27] Намунаҳо дар замима барои китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» синфи 1. мавзӯи «Ҳашар»

3.  4. 



**5. Кори мустақилона:** ба хонандагон супориш диҳед, ки расми белчаро сохта онро аз тасаввуроти худ оро диҳанд.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Қайчӣ (дукорд, микроз), қалам, ширеш чадвал ва қалами одиро дуруст истифода бурда метавонад? | | | |
| Фоидаи корҳои мавсими баҳорро дарк карда, онро фаҳмонда метавонад? | | | |
| Ба намуна нигоҳ карда, қадамҳои фаъолиятро иҷро карда метавонад? | | | |
| Ба намуна нигоҳ карда, чизи нав эҷод карда метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ҶАШНИ ҒАЛАБА – 2 соат

**Барнома.** Шинос шудан бо намунаҳои табрикномаҳо барои чашни Ғалаба. Тарзи сохтани табрикнома. Кори мустаққилона

**Салоҳиятҳо:**

– якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад;
– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**

– ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда тавонад;
– дар бораи зарурати табрикнома ва туҳфа маълумот дода тавонад;
– ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;

– коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда тавонад;
– ба намуна такя карда, мувофиқи мазмуни мавзӯъ табрикномаро оро дода тавонад;
– қадамҳои фаъолиятро мустақилона иҷро карда тавонад;
– ба намуна такя карда, чизи нав эҷод карда тавонад;
– ба кори худ ва дигарон баҳо дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** картон, коғазҳои ранга, ширеш, қаламҳои ранга, фломастер, қалами одӣ, хаткӯркунак, ҷадвал, намунаҳои табрикномаҳо барои ҷашни Ғалаба.

**Равиши дарс:**

**1. Шинос шудан бо намунаҳои табрикномаҳо барои ҷашни Ғалаба.**

*– Бачаҳо имрӯз мо барои ҷашни Ғалаба табрикнома омода менамоем. Ин намунаҳои тайёри табрикномаҳоянд. Мо аллакай чандин маротиба табрикномаҳои гуногун омода намудаем, вале имрӯз мавзӯи табрикномаи мо “Ҷашни Ғалаба” мебошад, бинобар ин, мувофиқи мазмуни ин мавзӯъ табрикномаи худро оро медиҳем. Кӣ медонад, боз чӣ тавр табрикномаро мувофиқи мазмуни мавзӯъ ороиш додан мумкин аст?*

**2. Тарзи сохтани табрикнома.** Дар назди тахтаи синф истода, қадам ба қадам тарзи омода намудани табрикномаро нишон диҳед. Баъди нишон додани ҳар як қадам дар байни қаторҳо роҳ гашта, нигоҳ кунед, ки оё ҳамаи хонандагон фаъолиятро дуруст иҷро карданд ё не. Ба хонандагоне, ки дар иҷрои фаъолият душворӣ мекашанд, кумак расонед.[28]

**Қадамҳо:**

1. Коғази рангаи сурхро даврашакл буред;
2. Онро чорқат кунед, то аз як тарафаш секунҷа ҳосил шавад, аз тарафи нимдоираи он хатчаҳои борик буред;
3. Чунин гулҳоро сето омода намуда ба рӯйи коғази сафед ё картони дуқаткардашуда ширеш намоед;
4. Аз коғази рангаш сабз зергул буред ва онро дар қисми поёнии гул ширеш намоед;
5. Аз коғази сабз пояи гулро бурида дар зери гул ширеш кунед;
6. Аз коғази сабз баргҳои гулро бурида аз болои пояаш ширеш кунед;
7. Аз коғази зард шакли лентаро бурида бо фломастери сиёҳ дар он як чанд хати рост кашед;
8. Лентаи омодашударо ба боли гулҳо ширеш намоед;
9. Аз коғази рангаш сурх шакли ситорачаро бурида, ба болои лента ширеш кунед.



[28]. Намунаҳо дар замима ба китоби дарсии «Санъат ва меҳнат», синфи 1. мавзӯи «Ҷашни Ғалаба».





**3. Кори мустақилона.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки табрикномаро мувофиқи намуна бори дигар мустақилона омода намоянд.

*“Бачаҳо, акнун шумо фаъолияти якҷоя иҷрокардаамонро бори дигар мустақилона иҷро намоед. Шумо метавонед бо таври дилхоҳи худ онро оро диҳед. Шарт нест, ки табрикномаи шумо айнан чун намуна бошад, эҷодкор бошед”.*

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои гигиена ва бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи зарурати табрикнома ва туҳфа маълумот дода метавонад? | | | |
| Ба саволҳо ҷавоб дода метавонад? | | | |
| Коғазро қат карда, бурида ва ширеш карда метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, мувофиқи мазмуни мавзӯъ табрикномаро оро дода метавонад? | | | |
| Қадамҳои фаъолиятро мустақилона ичро карда метавонад? | | | |
| Ба намуна такя карда, чизи нав эҷод карда метавонад? | | | |
| Ба кори худ ва дигарон баҳо дода метавонад? | | | |

## Мавзӯъ: ТАШКИЛ НАМУДАНИ НАМОИШГОҲ – 2 соат

**Барнома.** Дар ин дарс хонандагон дар синф намоишгоҳ ташкил намуда, ба падару модарашон маҳсули кори яксолаи худро нишон медиҳанд. Қадр кардани кори худ ва дигаронро ёд мегиранд.

**Салоҳиятҳо:**

– дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
– намунаҳои мушаххаси санъати тасвириро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мақсади дарс:**
– дар бораи ташкили намоишгоҳ маълумот дода тавонад;
– якҷоя бо аҳли синф дар ташкил намудани намоишгоҳ фаъолият карда тавонад;
– кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** портфолиои хонандагон, маҳсули кори яксолаи хонандагон.
**Равиши дарс.**
**Суҳбат дар бораи намоишгоҳ ва тарзи ташкили он:** Бо хонандагон дар бораи намоишгоҳ ва тарзи ташкили он суҳбат намоед.
– *Бачаҳо, шумо медонед, ки намоишгоҳ чист? Намоишгоҳро чӣ хел ташкил мекунанд? Дар намоишгоҳ чиҳоро намоиш додан мумкин аст? Шумо боре ба намоишгоҳ рафтаед?*
Бо хонандагон ҷавобҳои онҳоро якҷоя муҳокима кунед ва дар охир дар бораи намоишгоҳ ва тарзи ташкили он маълумот диҳед.
**Ташкили намоишгоҳ.** Якҷоя бо хонандагон дар синф намоишгоҳ ташкил намоед. Кӯшиш кунед, то ҳамаи хонандагон фаъол бошанд. Дар намоишгоҳ маҳсули кори яксолаи ҳамаи хонандагонро намоиш диҳед. Ба ин намоишгоҳ метавонед падару модарони хонандагонро даъват кунед.

**Арзёбӣ. Хонанда:**

| **Фаъолиятҳо** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ташкили намоишгоҳ маълумот дода метавонад? | | | |
| Якҷоя бо аҳли синф дар ташкил намудани намоишгоҳ фаъолият карда метавонад? | | | |
| Кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда метавонад? | | | |

## Адабиёт


1. Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М. Ташкили чараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
2. Абдуллоев Ибодулло китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи якум, –Душанбе, МТЛ ОРЕС, 2005.
3. Барномаи таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2008.
4. Б. Бойназаров, А. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи 2–Душанбе,. ПИК «Офсет», 2001.
5. Б. Бойназаров, А. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи 1–Душанбе. ПИК «Офсет», 2001.
6. Б. Бойназаров, А. Ҳалимзода, Г. Раҷабалиева. Китоби дарсии «Санъат ва меҳнат” барои синфи 4. – Душанбе. ПИК «Офсет», 2001
7. Зиёев М.Н., Алиев А.Б., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф. Истиқлол ва сиёсати давлат дар соҳаи маориф. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
8. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ. – Душанбе, 2009..
9. Эрматова У.С., Зоолшоева Б.Ф., Алиев А. Б., Олимова Ф.К., Зиёев М. Н. Таълими санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои тренери курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.

# РОҲНАМОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БАРОИ СИНФИ 1-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | А. Комилзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 17.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 12.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 127/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «ТоРус» чоп шудааст.